**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ**
**ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**АЛИШЕР НАВОИЙ НОМИДАГИ**
**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

**ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИ КАФЕДРАСИ**

**Қўлёзма ҳуқуқида**

ЮЛДАШЕВА МАВЛУДА

# ТОПОНИМИКАИ НОЊИЯИ БЎСТОНЛИЌИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД

**5А120102 – Лингвистика (тожик тили ) мутахассислиги**

**Тожик тили ва адабиёти бўйича магистр**
**даражасини олиш учун**

**МАГИСТРЛИК ДИССЕРТАЦИЯСИ**

Иш кўриб чиқилди ва ҳимояга рухсат берилди.
Тожик тили ва адабиёти мудири
доц. Ҳ.Бердиқулов.______________

Илмий раҳбар:

доц. Ҳ.Бердиқулов._______

**М.Ў.**

**САМАРҚАНД – 2012**

## Муќаддима

**1. Муњимияти мавзўи тадќиќот.** Сабаби интихоби мавзўъ, яъне топонимикаи ноњияи Бўстонлиќи вилояти Тошканд дар он аст, ки ба ин мавзўъ дар забоншиносии тољик то њол кори тадќиќотї ба анљом нарасидааст. Бинобар ин тадќиќи мавзўи мазкур дар илми топонимияи тољик бозгўињои тоза ба тоза хоњад дод. Чунки объекти тадќиќ аз сарзаминњои хеле бостонии тољикони Ўзбекистон мебошад, ки дар номњои љуѓрофии ин мавзеъ наќши худро гузоштааст.

**2. Маќсад ва вазифаи диссертатсия.** Муайян намудан ва кушода додани љињати муњими тадќиќот мебошад, яъне оиди номгузории мањаллу мавзеъ ва номи ашхос дар ноҳияи Бўстонлиқ ба тариќи илмї асоснок кардан аст. Маќсад ва вазифаи дигари диссертатсия дар он аст, ки номњои аслии ин гуна мавзеъњоро гашта бунёд кардан ва ислоњи номњои нодуруст ва шакли дурусту ќадимаи номњоро гашта барпо кардан мувофиќи маќсад мебошад.

**3. Дараљаи омўхта шудани мавзўъ.** Баъзе махсусияти мавзўи мазкур ќисман аз тарафи олимон омўхта шуда бошад њам, топонимикаи ноҳияи Бўстонлиқ њоло тадќиќ нашудааст. Оиди мавзўи мазкур муфассал дар диссертатсия маълумот оварда шудааст.

**4. Навигарии тадќиќот.** Тадќиќоти мазкур бори аввал тањлилу тадќиќ гардида истодааст. Маводи љамъшуда аз љињати лингвистикї асоснок карда шудааст. Этимологияи баъзеи микротопонимњоро муайян намудан ва амиќ омўхтани ва тањлил намудани унсурњои ќадимаи забони тољикї дар ноҳияи Бўстонлиқ мебошад.

**5. Предмети тадќиќот.** Предмети тадќиќот маводи љамъкарда њисоб ёфта, оиди мавзўи мазкур аз њар гуна манбаъњо гирифта, оиди сарнавишти номњои љуѓрофии ин дења ривояту наќлњоро аз дањони кўњансолони дења гирд оварда, онро дар њини тањлили ин ё он номи љуѓрофї корбаст намудаам. Ѓайр аз ин муаллифи ин сатрњо дар њамин ноҳия зиндагонї мекунад.

**6. Объекти тадќиќот.** Њамчун ќиёс ва тањлил асарњои олимони рус, ўзбек ва тољик барои ин тадќиќот баррасї гардид. Объекти тадќиќ аз сарзаминњои хеле бостонии тољикон буда, унсурњои ќадимаи забони тољикї дар номњои љуѓрофии ин мавзеъ наќши худро гузоштааст. Боиси њамин тадќиќот љињати муњим дорад.

Омўзиши таърихи забон ва шевањои забони тољикї маводи топонимии ин дења чун фактори таърихї хизмат хоњад намуд.

**7. Ањамияти илмї ва амалии тадќиќот.** Тадќиќ намудани топонимикаи ин ё он мањал, дења, нохия барои инкишофи тадриљии забон ва љамъият маводи зарурриро дода метавонад. Дар натиљаи омўхтани номњои ин ё он мањал ва муайян намудани маънои ибтдоии онњо ба хонанда имконият медињад, ки ба гирду атрофи худ бо мењру муњаббат муносибат кунад ва нисбати ватани худ мењру муњаббат пайдо мекунад. Гузаштагони мо њар як топонимро бо маќсади  муайян ва назардошти сатњи  замин номгузорї кардаанд ва як навъ номњо бо шароити геграфии ин ё он мањал алоќаи узвї дорад, ки онро тадќиќоти солњои охир исбот намудаанд. Ин тадќиќоти мо барои тартиб додани луѓати топонимикї ањамияти амалї хоњад дод.

Омўзишу тадќиќи номњои мањаллї ва санъати номгузорї яке аз љињатњои муњими илми забоншиносї мебошад. Зеро номњои мањал ё масъалањои номгузорї ва пайдоиши онњо ба чандин воќеъаву ходисањои таърихї, сиёсї, иќтисодї робитаи ќавї дошта, ин унсурњо боиси густариши хазинаи забони модариамон гардидаанд.

Бояд гуфт, ки бо масъалањои ном, хосиятњои калимањои ифодакунандаи номњо, ќонуниятњои мављудият ва инкишофи номњо, таърихи тавлид ва маънидоди илмии онњо як бахши филология ономастика (юн. Onoma-ном) машѓул аст. Ономастика ба ќисмњои таркибии топонимика (юн. topos-љой, мањал ва onoma-ном), антропонимика (юн.antropos-одам,

onoma-ном) этнонимика (юн.ethnos-халќ, onoma-ном), гидронимика (юн.hidro-об, onoma-ном) ва амсоли инњо људо мешавад.[1]

Топонимика мањсули тафаккури даврањои гуногуни инкишофи љамъият, боигарии маънавї, ганљинаи боэътимоди таъриху маданият ва як њиссаи фонди луѓавии забон буда, барои тадќиќи масъалањои этимология, фонетика, калимасозї, шевашиносии таърихию муосир ёрї мерасонад.

Топонимика бо мантиќ, психология, этнография, сотсиология, адабиётшиносию услубшиносї алоќа дорад. Њодиса ва воќеъањои гуногуни љамъият, дигаргунињои иљтимоиву маданї дар системаи топонимика инъикос меёбанд. Системаи топонимика дар омўзиши масъалањои таърихї, урфу одат, расму оин, тафаккуру љахонбинї, маданият ва ѓайра ањамият дорад.

Ономастика умуман санъати номгузорї буда, дар дохили худ номгузориро нисбати одамон ва њам мањаллу љойњо – топонимикаро низ дар бар мегирад.

Илми топонимика дар даврањои пешин тараќќї наёфта буд, лекин дар солњои охир ин бахши забоншиносї то дараљае инкишоф ёфт. Аввал топонимия баъд аз он антропонимия, этнонимия ва дигар ќисматњои он предмети тадќиќоти илмї гашт, оиди топонимика адабиётњои илмї пайдо шуданд ва конференсияњои илмии умумиљањонї гузаронида шуданд.

Дар солњои охир тадќиќу тањлили топонимика нисбатан диќќати олимонро ба худ љалб намуд ва дар Осиёи Марказї низ асару маќолањои зиёде ба майдон омад.

Чунон ки ба мо маълум аст, дар даврањои пешин оиди баъзе халќњо тадќиќотњои ономастикї бурда намешуд, њоло, њар як халќ соњиби тадќиќотчии ономастикї мебошад.

Дар натиљаи хизматњои шоистаи олимони рус, ўзбек, тољик, ќараќалпоќ, ќирѓиз, ќазоќ, туркман дар Осиёи Марказї илми ономастика ривољ ёфт. Соли 1969 дар Донишкадаи Давлатии Тошканд ба номи Алишер Навої семинари ономастикї гузаронида шуд ва интихоби методњои

---

[1] Энсиклопедияи точик. ч.7.- Душанбе, 1988, саҳ. 11.

тадќиќоти илмии ономастика баргузор гашта, ба корњои оянда роњ кушода шуд. Албатта, дараљаи ташаккул ёфтани шохањои ономастика гуногун аст. Дар љои аввал ќисмати топонимика наѓз омўхта шуда истодааст. Дар ин хусус бисёр маќолањои илмї, китобњо, диссертатсияњо нашр шудаанд.

Њоло илми ономастика ва, хусусан, яке аз бахшњои он топонимика пурра омўхта нашудааст, чунки топонимикаи Осиёи Миёна хеле мураккаб мебошад. Таърихи ономастикаи давраи ќадим, љойгиршавии топонимњои замони гузашта ё ин ки типологияи топонимњо, љамъ кардани микротопонимњо ва ѓайра њоло дар пеш аст.

Мавќеи ономастика дар корњои илмии забоншиносии умумї дар солњои охир дар корњои лингвистикї асосњои тадќиќотњои илмї вобаста ба мавзўи ономастика бештар ба назар мерасад.

Кори илмии Белетский «Лексикологияи ономастикї» як чанд муаммоњои ономастикиро дар бар гирифта, барои тадќиќи масъалањои муњими ин соња мавќеи муњим дорад.

Муаллиф дар ќисматњои асосии асараш якчанд маълумотњои асосиро доир ба таърих, география, этнография ва дар бораи маъноњои аслии номњои љойњо батафсил маълумот додааст. Аз байн рафтани нишонањои семантикї барои муайян намудани маъноњои аслии вожањои ономастикї мушкилї ба вуљуд меорад. Муаллиф махсус муњим будани хусусиятњои хронологї, географї, суханшиносї ва таърихиву мадании калимањоро ќайд кардааст. Ба аќидаи ў бе инњо кори илмй ќиммати худро нигоњ дошта наметавонад.[1]

Бояд эътироф кард, ки илми топонимикаи тољик як љузъи илми забоншиносии тољик буда, таърихи тўлонї дорад. Маводи аввалинро доир ба ин илм аз луѓату тазкирањо ва осори таърихиву љуѓрофї пайдо намудан мумкин аст. Зеро гузаштагони мо дар асарњои иншонамудаи худ рољеъ ба ин ё он мањал сухан рондани шаванд, њатман љињати љуѓрофии ин ё он мањалро батафсил тасвир менамуданд. Бинобар ин маводи топонимњои ќадим иборат аз номњои вилоят, дарё ва шањрњо мебошад. Чунончи, дар

[1] Ономастика «Проблемы и методы». - Москва, 1978, саҳ. 7.

асари љуғрофии «Њудуд-ул-олам» (асри XI) доир ба номњои мањал, муњити љуғрофї, њайъати этникї ва манбаъњои зеризаминии мавзеъњои гуногуни љањон маълумот дода мешавад, ки хеле љолиб буда, дар назди хонанда наќшу тасвири воќеъии он мањал љилвагар мегардад. Барои намуна метавон маълумоти овардаи муаллифро доир ба шањрњои Тошканду Бухоро, ки шањрњои ќадимии Осиёи Миёна мебошад, меорем: «**Бухоро** шањри бузург аст ва ободантарин шањрест андар Мовароуннањр ва мустаќари малики машриќ аст. Ва љои намнок аст ва бисёр меваю ва обњои равон. Ва мардумони вай тирандозанд ва ғозипеша. Ва аз ў бисот ва фарш ва мусалии намоз хезад накў, пашмин ва шўра хезад, ки ба љойњо бибаранд. Ва њудуди Бухоро дувоздањ фарсанг андар дувоздањ фарсанг аст. Ва деворе ба гирди ин њама даркашида боз якбора ва њамаи работњо ва дењањои он андаруни ин девор аст…»

«Тошканд – шањри бузург аст ва ободон аст ва бо неъмати бисёр ва љои бозоргонии њамаи љањон аст. Ва ўро шањристон аст ва кўњандиз аст ва рабаз аст ва аз болои боми бозорашон яке љўи об равон аст аз арзиз. Ва об аз кўњ биёварда. Ва андар вай хонакоњи монавиён аст ва эшонро нағушок хоханд. Ва аз вай ќоғаз хезад, ки ба њама љањон бибаранд ва риштаи канаб хезад. Ва руди Бухоро бар дари шањри Тошканд бигзарад…»[1]

Ғайр аз ин маълумоти љуғрофиро аз луғату фарњангњо низ пайдо намудан мумкин аст. Луғату фарњангњои ба забон тољикї-форсї таълифнамуда беш аз 200 адад буда, аз љониби донишмандони баландзавќу закитабъ таълиф гардидааст, «Луғати Фурс»-и Асадии Тусї, «Туњфат-ул-ањбоб»-и Њофизи Убањї, «Бурњони ќотеъ»-и Муњаммадњусайни Бурњон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муњаммад Ғиёсиддин ва амсоли инњо буда, дар ќарнњои мухталиф таълиф ёфтаанд ва дар онњо рољеъ ба ин ё он мањалу мавзеъ маълумоти муфид оварда шудааст, ки дар айни замон низ он маълумотњо арзиши худро гум накардаанд.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» Бухоро чунон шарњ ёфтааст: Бухоро – номи шањр аз Турон, муштаќ аз бухор, ки ба маънии илм чун дар он шањр уламо ва

[1] Ҳомидов Д. Топонимияи води Кешруд. – Душанбе, 2002, саҳ. 4.

фузало бисёр буданд, ба Бухоро мавсум карданд («аз Латиф») ва муаллиф гўяд, ки бухор ба маънии илм дар кутуби дигар ба назар наёмада…».[1]

Номи мавзеъву маҳалҳо ва шаҳру кишварҳо ана ҳамин тавр таҳлилу маънидод гардидаанд, ҳол он ки дар ҳамаи ин таҳлилҳо воќеият ифода нагардидааст. Бо вуҷуди ин навиштаҳои мазкур аз нахустин маълумотҳои топонимї дар забоншиносии тоҷик мебошад. Метавон фарҳангу луғатҳои нодири ба забони тоҷикии дар замонҳои гуногун таълифёфта ва асарҳои таърихию ҷуғроифиро бунёдгузорї илми топонимика донист.

Олимони юнон низ дар асарҳояшон оиди номҳои географии Осиёи Миёна, ки дар аввали асри IV-V пеш аз мелод маълумотҳои ќадимї овардаанд, мебинем. Геродод, ки падари таърих ном гирифтааст (485-425 пеш аз мелод) аз тарафи шарќ дарёи Гирканд (пастї), ки аз ҳудуди ҳамвори бепоён иборат аст, гуён дарёи Аракс «Амударё»-ро ба забон гирифтааст. Бояд гуфт, ки дар асарҳои олимони дунёи антик дар бораи Осиёи Марказї аз ҷумла Ўзбекистон як ќатор номҳо, чунончи Аракс (Амударё), Марканд (Тошканд), Полимет (Зарафшон) ва дигар мавзеъҳоро ба забон гирифтаанд.

Ҳамин тариќ, илми топонимикаи тоҷик дар заминаи холї арзи вуҷуд накарда заминаи ќавии илмї дорад ва тўли асрҳо таҳаввул намуда, дар ин бахш осори гуногунмавзўъ ва гуногунмундариҷа таълиф ёфтааст. Фаќат ин илм дар ќарни XX дар асоси таълифи асарҳои пурќимату боарзиши муҳаќќиќони ин соҳа роҳу шеваи муайяни худро пайдо карда, аз дастовардҳои топонимияи рус ва Аврупо баҳрабардорї намуда, имрўз дар рушду такомул аст. Бо саъю кўшиши тадќиќгарон ва олимони топонимшинос топонимика ҳамчун фан эътироф карда шуд.

Предмети топонимика номҳои объектҳои географї ҳисоб мешавад. Омада баромадани ҳамин номҳо ва омўзиши маъноҳои он, яъне таҳлил кардани хусусиятҳои лексикї-семантикї ва этимологї маќсади асосии ин фан мебошад. Барои ин маќсадро ба амал овардан, топонимика ба худ як ќатор вазифаҳоро дорост. Аз ҷумла, объектҳои географї, структураи фонетикї ва грамматикї, лексикї-семантикї ва дигар хусусиятҳои лингвистикї шаклҳои

[1] Муҳаммад Ғиёсиддин Ғиёс-ул-луғот, ч. 2. – Душанбе: Адиб, 1988, саҳ. 15-33.

диахронй ва синхронї, ки хусусиятњои номгузорї, аз кадом забон омада баромадани он, муайян кардани тараќќиёти таърихии он вазифаи топонимика мебошад.

Топонимика бо чунин хусусиятњои худ ба чањор таќсим мешавад.

1. Топонимика ба сифати як ќисми фанни забоншиносї. Дар ин номњои мањал як ќисми лексика, ягонагии забон – дар сифати калима меомўзад. Топонимњо аз нуќтаи назари забоншиносї дар асоси методи забоншиносї (аспекти лингвистикї) тадќиќ мешаванд.

2. Топонимика фанни мустаќил. Дар ин љо барои топонимњоро тадќиќи кардан, методњои таърихї, географї ва лингвистикї бевосита кор фармуда мешавад. Чунки њар як топоним дар шароити муайяни таърихї, дар муњити географї, дар асоси элементњои забон ба вуљуд меояд.

3. Топонимика ба сифати як ќисми фанни таърих. Дар ин мавридтопонимњо аз нуќтаи назари таърих оиди аспекти таърихї талќин мешавад.

4. Топонимика ба сифати як ќисми фанни география. Дар ин топонимњо нуќтањои ањолинишин аз нуќтаи назари муњити географї-аспекти географї меомўзад.

Аниќтар гўем, топонимикаро ба ќатори кадом фанњо дохил кардан бањсу мунозира давом дорад.

Топонимика мисли шањрњо, ќишлоќњо, дарёњо, кўлњо, кўњњо таърихи омада баромади онњоро омўзад, ин фан ба забоншиносон, таърихчиён низ материали бои илмї медињад.

Топонимњо ќисми таркибии забон-луѓат буда, ба ќонуниятњои забон дохил мешаванд. Албатта, калимаро фанни забоншиносї-лингвистика меомўзад. Бояд гуфт, ки фанни ономастика номњои људогонаро омўзад, топонимика ќисми ў буда, ба ќатори фанњои забоншиносї дохил мешавад.

Аз тарафи дигар, хусусиятњои табиати ягон мамлакат ё кишвар, номњои географї дар сифати элементи муњими харита дар он акс ёфтааст. Мана аз њамин нуќтаи назар топонимикаро ба ќатори фанњои географї дохил кардан мумкин. Аз њамин сабаб дар якљоягї номи љой ё мавзеъ ба таърихи чамъият вобастагии ќавї дорад.

Дар мавзеъњо чї гуна ном гузоштан, аввало бо зинањои муайяни эњтиёљи љамъият асос меёбад. Таърихи номи љой ё мавзеъро надониста, ба илми топонимика машѓул шудан, натиљаи бењтаринро намедињад. Барои њамин њам топонимика ба ќатори фанњои таърих мансуб аст. Хулоса, фанни топонимика дар байни се бахши калон: забоншиносї, география ва таърих мебошад. Барои њамин маводи он аз љињати хусусият гуногун, яъне лингвистикй, таърихй ва географї буда, бо фактњои бисёри топонимикї дуруст эзоњ ёфтанаш мумкин аст.

Баъзе соњањои ономастикаи тољик аз тарафи олимони рус, аз љумла А.Х.Востоков, А.М.Шегрен, М.А.Кострен, Д.П.Европсус, И.И.Надеждин, И.А.Износков ва дигарон омўхта шудааст. Дар асри XX олимони рус В.В.Бартольд, Л.С.Берг, В.А.Козакевич, Ф.Е.Корш, Н.Я.Марр, П.Л.Маштаков, А.Ф.Орлов, Ф.П.Саваренский, А.М.Самешчев, В.В.Семёнов-Тян-Шанский, А.И. Соболевсикї, В.Б.Шастаковичњо ба тараќќиёти топонимикаи замонавї замина гузоштанд.

Топонимикаи Осиёи Марказї аз тарафи олимони Э.М.Мирзаев, А.И.Попов, А.Л.Хромов, Р.Х.Додохудоев, О.И.Смирнова, А.З.Розенфельд, С.И.Климчецкий, Н.Н.Неъматов, Д.Њомидов, А.Ѓафуров, Т.Нафасов, С.Ќораев, З.Дўсимов, Ш.Ќодирова, А.Абдурањмонов, Е.Ќуйчубоев, С.Умурзоќов, Д.Исаев, С.Атаниёзов ва дигарон низ омўхта шудааст ва тадќиќотњои зиёде дар ин хусус навишта шудаанд.[1]

Бояд гуфт, ки академик В.В.Бартольд дар шинохти таърихи халќи тољик хизмати беандозае кардааст, ки онро бо ду-се сухан ифода намудан аз имкон берун аст. Ў дар силсилаи асарњои доир ба сарзамини Осиёи Марказии имрўза таълифнамудааш ќариб доир ба њамаи нуќтањои ањолинишин: ойконимњо, космонимњо, полонимњоро дар асоси маъхазњои таърихї, љуѓрофї маълумот дода, то андозае аз таърихи гузаштаву имрўзаи онњо хонандаро ошно месозад.

Тадќиќу тањлили номњои љуѓрофии минтаќаи Осиёи Марказї аз назари топонимшинос Э.М.Мурзаев низ дур намондааст ва ў дар силсилаи

[1] Каримов С. А. Ўзбек топонимикаси тараққиёт босқичида. – Тошкент: Фан, 2006, 10-11 бет.

асарњои илмиаш доир ба номњои шањру дењоти ин минтаќа, сарзамини водии Кешруд маълумоти љолиб додааст. Сањми арзандаву чашмраси О.Н.Смирнова ва А.Л.Хромоврo дар тадќиќу омўзиши номњои љуѓрофии саргањи Зарафшон ва водии Яѓноб, инчунин сањми аразандаи Д.Љ.Њомидоврo дар тадќиќу омўзиши «Топонимияи водии Кешруд» махсусан ќайд намудан љоиз аст.[1]

Маводи гирдовардаи мо доир ба омўхтани топонимикаи ноњияи Бўстонлиќи вилояти Тошканд мебошад.

Сабаби интихоби мавзўъ, яъне топонимикаи ноњияи Бўстонлиќи вилояти Тошканд, дар он аст, ки ба ин мавзўъ дар забоншиносии тољик то њол кори тадќиќотї ба анљом нарасидааст. Бинобар ин тадќиќи мавзўи мазкур дар илми Ономастика ва топонимияи тољик бозгўйињои тоза ба тоза хоњад дод. Чунки объекти тадќиќ аз сарзаминњои хеле бостонии тољикон мебошад, ки дар номњои љуѓрофии ин мавзеъ наќши худро гузоштааст.

Инчунин сабаби дигари он баъд аз мустаќилиро ба даст даровардан ба ин соња эътибори калон дода шуд, чунки бисёр объектњои ањолинишин аз љумла, шањрњо, ќишлоќњо, кўчањо, боѓу роѓњо ва дигар мавзеъњо бо номњои дигар номгузорї карда буданд. Маќсади асосии сохњаи топонимика дар он аст, ки номњои аслии ин гуна мавзеъњоро гашта бунёд кардан аст, чунки ислоњи номњои нодурусту норавои мањаллу мавзеъњо ва шакли дуруст ва суфтаву равони ному номгузории мањаллу мавзеъњо тантанаи адолати таърихї мебошад.

Доир ба чињати дигари масъала дар диссретатсия мисолҳо фаровон оварда шудааст. Гузашта аз ин љолибияти мавзўъ дар он аст, ки барои омўзиши таърихи забон ва шевањои забони точикї маводи топонимикии дења чун фактори таърихї хизмат хоњад намуд.

Рисола аз муќаддима, ду боб, хулоса ва аз фењрасти иборат буда, 69 сањифаи компютериро ташкил мекунад.

[1] Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. - Душанбе, 2002, саҳ. 7.

## БОБИ I

### Антропонимияи ноҳияи Бўстонлиқ ва махсусияти он

Њар як шахс соњиби номи худ мебошад. Шахсоне, ки њамном мебошанд, дар баъзе њолатњо онњо бо лаќаби худ фарќ мекунанд. Фамилияњо низ дар асл барои фарќ кардани шахсон хизмат мекунад.

Умуман инсон ба ягон чиз ном гузошта зиндагонї мекунад. Дар дунё њар гуна предмет номи худро дорост. Растанї ва њайвоноти мањаллї ѓайр аз номњои худ номњои илмї, лотинї низ дорад. Бояд гуфт, ки номњо аз ягон чиз, чизи дигарро фарќ кардан ёрдам медињанд.

Яке аз ќисмати бахши Ономастика, антропонимия мебошад, ки номи ашхосро ифода мекунад. Илми атропонимия бо гузашти замон низ шакл гирифтааст. Оиди антропонимия ба забони тољикї, ќазоќї, русї, ўзбекї, китобњои махсус ба чоп расидааст.

Маълум аст, ки яке аз мушкилоти омўзиши забони мардуми Осиёи Марказї ин таърихи Ономастика аст. Мардуми Осиёи Марказї тољикон, ўзбекон, туркманњо, ќараќалпокњо, ќазоќњо урфу одатњои зиёде доранд, ки бо њам монанд аст.

Дар ваќти омўзиши номњои географї бисёр микротопонимияњо ба назар мерасанд. Агар ба тариќи умумї нигоњ кунем, маълум аст, ки дар номгузорин тољикї пасванди бек, -бой, -љон, -ќул, -шоњ ва њамчунин пешванди **мир, хол, абду, тош, шоњ** ва ѓайра истифода карда мешавад. Дар номњои занона бештар пешвандњои би-, бибї-, гул- ва пасвандњои –нисо, -ой, -хон ба назар мерасанд.[1]

Помир яке минтаќањои гуногунзабони Тољикистон ба шумор рафта, забони помирї бо гурўњи забонњои оилаи њинду аврупої ба шумор меравад. Помирињо хешовандони осетинињо ва пуштуњои Афѓонистон њисоб мешаванд. Гузаштаи онњо аз рўи сохтори забонашон ба скифњо, суѓдњо бохтарињо ва хоразмињо марбут аст.

Номњои помирї бештар ба номи Пайѓамбарон ва халифањо монандї дорад.

[1] Ономастика средней Азии. – Москва: Наука, 1978, стр. 144-145.

Аз номи Алӣ бештар истифода кардани помириҳо мушоҳида мешавад:

Алидод, Алибахш, Алиризо, Мављудалӣ, Сафаралӣ, Гуралӣ, Давлаталӣ, Алиљон ва ѓ.

Номҳое низ ҳастанд, ки ба номи Муҳаммад тааллуќият доранд:

Мамадшоҳ, Шоҳмуҳаммад, Мамадалӣ, Бекмуҳаммад ва ѓ.

Яке аз фарќҳои дигари номҳои помириҳо аз тољикони дигар дар он аст, ки онҳо бештар ба мардон ном номҳои рӯзҳои ҳафтаро мегузоранд. Душанбе, Шанбе, Чоршанбе, Чумъа, Пайшамбӣ (Панљшанбе).[1]

Дар забони адабии тољик бошад, барои сохтани фамилия, номи падар ва тахаллус воситаҳои махсуси грамматикӣ ҳастанд. Чунончи, суффикси –ӣ ҳам тахаллус, ҳам фамилия ва ҳам номи падар месозад: Рӯдакӣ, Зарифӣ, Ансорӣ, (фамилия ва номи падар). Фамилия ва номи падар инчунин бо воситаи калимаҳои –зода ва –зод сохта мешавад: Турсунзода, Мирзода, Раҳимзода, Афсаҳзод, Шарифзод ва ѓайра.

Дар забони адабии ҳозираи точик фамилия ва номи падар бештар ба воситаи суффиксҳои аз забони русӣ гирифта шуда сохта мешаванд: -ов, ев, -ова, -ева, -ович, -евич, -овна, -евна: Одил Зокирович Собиров, Зафар Шукурович Шодиев, Зебо Кабировна Абдуллаева.

Дар баъзе китобҳо, ки дар пайравии грамматикаи забонҳои арабӣ ва русӣ навишта шудаанд, борҳо дар хусуси мављудияти категорияи љинсият дар забони тољикӣ сухан рафтааст. Ин ҳолат сабабҳои муайяне дорад. Ба ин, пеш аз ҳама, калимаҳои иќтибосие сабаб шудаанд, ки дар шакли љинси занонаашон ба забони тољикӣ дохил шудаанд, ки нишондиҳандаи шаклии он суффикси –а мебошад. Маънои љинсият дар ин ќабил исмҳо барои он хубтар ифода мешавад, ки ба муќобили худ шакли ифодакунандаи љинси мардона низ дорад. Чунончи: котиб-котиба, муаллим-муаллима, шоир-шоира, олим-олима ва ѓайра. Ин гурӯҳи калимаҳои иќтибосии забони арабӣ ба забони тољикӣ низ таъсир карда, боиси ба амал омадани номҳои занона гардидааст.

[1] Ономастика средней Азии. – Москва: Наука, стр. 247.

Масалан, Нигора, ба воситаи суффикси –а, аз калимаи аслан тољикии Нигор, Хуршеда аз Хуршед. Парвина аз Парвин ва ѓайра сохта шудааст.[1]

Унсури –ат /ят танњо дар баъзе исмњои хос њамчун аломати ифодакунандаи љинсият намудор мешавад: Шарофат, Латофат, Зарофат, Рисолат, Њидоят, Кифоят, Малоњат, Адолат, Башорат, Саодат, Сабоњат, Назокат, Саломат, Саноат. Асоси баъзеи ин исмњои хос, масалан, Шароф, Њидой, Салом њамчун исми хоси номи мардон истифода мешавад, ки ин њолат дар ифодаи љинсият омадани –ат/-ят-ро ба хубї далолат мекунад.

Пасванди –а . Суффикси –а дар забони адабии њозираи тољик суффикси сермаъно ба шумор меравад. Сермаъноии суффикси –а танњо дар исмсози худи ин суффикс дар дохили исм, балки дар калимасозии њиссањои гуногуни нутќ мушоњида мешавад. Масалан: исми хос: Ганчина, Одина, Холида.

Суффикси –ї. Яке аз суффиксњои сермаънову серистеъмол суффикси –ї мебошад. Суффикси –ї дар сохтани исмњои хос – фамилия ва тахаллус низ истифода мешавад, ки он бо суффикси исмсози таркиби калимањои дўстї, некї инчунин омўзгорї ва муҳандисї аз љињати шакл як бошад њам, аз чињати вазифа аз онњо фарќ мекунанд ва дар ин гуна мавридњо онњо омоморфема ба шумор мераванд. Мисол: Рўдакї, Фирдавсї, Љомї, Њилолї, Айнї, Рањимї, Ансорї, Асрорї ва ѓайра.[2]

Дар исмњое, ки калону хурдии онњоро таъин кардан мумкин нест, суффикси **–ча** камии онњоро мефањмонад, ки болидахотирї ва хушњолиро низ далолат мекунад.

Суффикси **–ча** бо исмњои хос низ меояд. Дар исмњои хос ин суффикси хурдии шахсро аз рўи пайкараш мефањмонад: Икромча, Рустамча, Мукаррамча ва ѓ.

Барои ифодаи навозиш –**љон** бо исми хос низ меояд: Фирўзаљони ман. Агар **љон** њангоми номгузорї њамчун њиссаи исми хос истифода шуда

---
[1] Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик. қисми I. – Душанбе: Дониш, 1985, саҳ. 91.
[2] Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи точик. – Душанбе: Дониш, 1972, саҳ. 32.

бошад, навозишро ифода намекунад: **Мирзољон,** Додољон, Ќозиљон, Одилљон ва ѓ.[1]

Суффикси –бон. Дар забони адабии њозираи точик морфемаи –бон маънои луѓавии худро барњам дода, ба категорияи суффикси калимасоз гузаштааст. Ба категорияи калимасоз гузаштани –бон дар калимањои мизбон, нигоњбон, сорбон ва ѓайра дида мешавад.

1) Суффикси –бон аз исмњои конкрет исми нав месозад, ки шахсро аз рўи касбу кор ва машѓулият ифода мекунад ва тобиши назорат дорад: боѓбон, ѓалабон, осиёбон, саройбон.

Суффикси –зор. Ба воситаи ин суффикс њаргуна исмњо сохта мешавад. Масалан: пахтазор, гулзор, дарахтзор, ангурзор, лолазор ва ѓайра.[2]

**Антропонимњо дар ташаккули Ономастикаи ноҳияи Бўстонлиқ** наќши муњим дорад. Дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он номи одамон гуногун буда, ба забонњои арабї, ўзбекї, туркї ва русї мансубанд.

Дар дења бештари номњо аз љињати баромад ба забони точикї мансубанд. Номгузорї дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он низ бо пешоянду пасоянд сохта мешавад. Яке аз онњо бо пешванди –шоњ – сохта мешавад:

Шоњмањмад, Шоњраљаб, Шоњљањон, Шоњљамол, Шоњљалол, Шоњсаид, Шоњмалик, Шоњкарим, Шоњниёз, Шоњмирзо, Шоњдил, Шоњрух, Шоњбон, Шоњина, Шоњрањим, Шоњрасул, Шоњонёр ва ѓайра.

Номњои занону духтароне, ки бо калимаи гул-сохта мешавад.

Гулшироз, Гулхоним, Гулчењра, Гуландом, Гулбибї, Гулрухсор, Гулшода, Гулдона, Гулноза, Гулбањор, Гулсара, Гулнора, Гулшан, Гулмира, Гулнињол, Гулсанам, Гуласал, Гулдаста, Гулсум, Гулзиё, Гулнисо ва ѓайра.

Номњои занону духтарон бо пасоянди –гул сохта шудааст:

Нозигул, Тозагул, Рўзигул, Моњигул, Ойгул, Туйгул, Чиннигул, Донагул, Бањрагул, Яхшигул, Љумъагул, Химчагул, Тољигул, Сайлигул, Кенљагул,Ойимгул, Исмигул, Зарагул, Бибигул, Ќавзагул, Раъногул ва ѓайра.

**пасоянди –ќул**

[1]Забони адабии ҳозираи точик, қисми I. – Душанбе: Ирфон, 1973, саҳ. 93.
[2] Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми I. – Душанбе: Дониш, 1985, саҳ. 107.

Вафоќул, Анаќул, Тураќул, Санаќул, Ањтамќул, Истамќул, Турсунќул, Љўраќул, Рањмонќул, Азизќул, Саидќул, Арзиќул, Нарзиќул, Љабборќул, Норќул, Бобоќул, Алиќул, Облоќул, Шодиќул, Орзиќул, Шарифќул, Эгамќул, Мањмадќул ва ѓайра.

**пасоянди -шоњ**

Ѓолибшоњ, Матлубшоњ, Мироншоњ, Тобоншоњ, Ѓайратшоњ, Ќувватшоњ, Нодиршоњ, Толибшоњ, Мањмудшоњ, Диловаршоњ, Наврўзшоњ, Бањодуршоњ, Ањатшоњ, Довруѓшоњ ва ѓайра

**пасоянди –дин**

Саймиддин, Асомиддин, Шањобиддин, Амриддин, Садриддин, Фахриддин, Хайриддин, Аслиддин, Сайфиддин, Рањмиддин, Тољиддин, Шамсиддин, Бањриддин, Зайниддин, Нањмиддин, Ѓайниддин, Фазлиддин ва ѓайра.

**пасоянди –илло**

Исматилло, Суннатилло, Кароматилло, Бањрилло, Саъдилло, Иноятилло, Њикматилло, Хайрилло, Лутфилло, Шамсилло ва ѓайра.

**пасоянди –љон**

Норљон, Хонимљон, Комилљон, Аминљон, Талъатљон, Илњомљон, Ѓолибљон, Икромљон, Онаљон, Юсуфљон, Довудљон, Алиљон, Ќодирљон, Одилљон, Вањобљон, Олимљон ва ѓайра

**пасоянди –бї**

Шомбї, Сайбї, Рачабї, Очабї, Тошбї, Ќурбонбї, Уѓулбї, Норбибї, Моњбибї, Холбї, Хомбї, Гулбї, Ойбї, Абдунабї, Турсунбї, Сайрамбї, Рўзибї, Њурбї, Хуррамбї ва ѓайра.

**пасоянди биби- ва би-**

Бибиљон, Бињаёт, Бибисоро, Бибихол, Бибихоним, Бињољар, Биойша, Бибигул, Бибинор ва ѓайра.

**пасоянди –ой**

Майрамой, Азизой, Нозукой, Эркиной, Маъќулой, Чучукой, Хайриой, Султоной, Додарой, Гавњарой, Сарварой, Барчиной, Сангиной, Хурсаной,

Њурматой, Ёрќиной, Роњатой, Њулкарой, Турсуной, Бахмалой, Юлдузой, Ойдиной, Олтиной, Бодомой, Лўъбатой, Ќурбоной, Гулсумой ва ѓайра.

**пасоянди –бек**

Тўрабек, Давронбек, Отабек, Њайдарбек, Ойбек, Љўрабек, Исломбек, Мансурбек, Бобобек, Саидбек, Ашурбек, Аъзамбек, Болибек, Умарбек, Завурбек, Њотамбек, Њамзабек, Ќањорбек Идибек, Одилбек, Љонибек ва ѓайра.

**пешоянди –ой**

Ойсифат, Ойсанам, Ойгул, Ойбарчин, Ойхоним, Ойљон, Ойхол, Ойсара, Ойљамол, Ойбону, Ойбек, Ойнисо ва ѓайра.

**пасоянди –тош ва пешванди тош**

Темуртош, Сангинтош, Тоштемур, Ойнатош, Турсунтош, Бектош, Тошмурод, Тошболта, Тошбї, Тошќобил, Тошниёз, Тошбой  ва ѓайра.

**пасоянди –ёр**

Асфандиёр, Исфандиёр, Дониёр, Отаёр, Холиёр, Мадиёр, Облоёр, Бахтиёр, Ихтиёр, Келдиёр, Шодиёр, Маллаёр, Бердиёр, Бобоёр, Элёр, Худоёр ва ѓайра.

**пешоянди –ёр**

Ёрмањмад, Ёртош, Ёрќул, Ёрќиной ва ѓайра

**пасоянди –бой**

Ќурбонбой, Раљаббой, Аввалбой, Холбой, Љўрабой, Салимбой, Шомуродбой, Араббой, Олтибой, Азимбой, Љумъабой, Ќўзибой, Файзибой, Идобой, Кенљабой, Ашурбой, Зокирбой, Хурсандбой, Пардабой, Яхшибой, Тошбой, Шарофбой, Солењбой, Шарифбой, Элибой, Каримбой, Рањимбой ва ѓайра.

**пасоянди –хон**

Шобурхон, Афзалхон, Зулхон, Олимхон, Худоёрхон, Гулхон, Бурхон, Шерхон, Барнохон, Ойхон, Нурхон, Олмахон ва ѓайра

**пасоянди –нисо**

Ќумринисо, Умринисо, Мењринисо, Хайринисо, Ойдиннисо, Бибинисо, Тољинисо, Гулнисо, Ойнисо, Нуринисо, Зебуннисо, Бањринисо, Моњинисо ва ѓайра.

**пасоянди –ниёз**

Отаниёз, Тошниёз, Чумъаниёз, Бекниёз, Шоњниёз ва ѓайра

**пешоянди дил**

Дилафрўз, Дилдора, Дилфуза, Дилшода, Дилором, Дилрабо, Дилноза, Дилмурод, Дилнавоз, Дилора, Дилбар, Дилнура ва ѓайра.

Пешванд - калимаи Адбу

Абдукарим, Абдуњалил, Абдунабй, Абудхолиќ, Абдусодиќ, Абдуфаттоњ, Абдумўъмин, Абдувањњоб, Абдусалом, Абдурафиќ, Абдувалї, Абдусамї, Абдуѓанї, Абдуњаниф, Абдуљаббор, Абдуњалим, Абдумурод, Абдурасул, Абдуњафиз, Абдуллоњ, Абдуњаким, Абдуазиз, Абдураъуф, Абдуќодир, Абдунаљиб, Абдурашид, Абдуќаюм, Абдувоњид, Абдусаид, Абдуламид ва ѓайра.

**Бо калимаи муњаммад-мањмад – сохта шудани номњо:**

Муњаммарањим, Ашўрмањмад, Саймањмад, Муњаммадюсуф, Алимањмад, Мањмадалї, Оймањмад, Холмањмад, Мирмуњаммад, Муњаммадрасул, Бегмањмад, Ниёзмањмад, Нормањмад, Муњаммадкарим, Нормуњаммад, Сафармањмад, Мањмадќул, Боймањмад, Шоњмањмад, Гулмањмад, Мањмадмурод, Муњаммадрофеъ, Муњаммадкабир, Пирмањмад, Ёрмањмад, Љонмањмад, Муњаммадќобил ва ѓайра.

**калимаи –мањма**

Мањмараљаб, Мањмашариф, Мањманазар, Мањманўъмон, Мањмашифо, Мањманосир, Мањмалоиќ, Мањмадамин, Мањмаюсуф, Мањмаризо, Мањмаёќуб, Мањмазамон, Мањмарањим, Мањманиёз, Мањмамирзо, Мањмадиёр, Мањмазиё, Мањмарозиќ, Мањмарофеъ, Мањмарашид ва ѓайра

**Бо решаи асоси –мурод сохта шудани номњо**

Њайитмурод, Тўхтамурод Дилмурод, Элмурод, Тошмурод, Алламурод, Отамурод, Холмурод, Рўзимурод, Дўстмурод, Саймурод, , Шомурод,

Абдумурод, Тоѓоймурод, Нормурод, Хољамурод, Љонмурод, Тољимурод, Бобомурод, Турдимурод, Султонмурод, Саидмурод, Гулмурод, Улуѓмурод, Бегмурод ва ѓайра

**Бо решаи асоси –назар сохта шудани номњо**

Бегназар, Соњибназар, Шоназар, Худойназар, Пирназар, Њаќназар, Холназар, Абдуназар, Хидирназар, Олимназар, Холиќназар, Элназар, Ќурбонназар Бобоназар, Мањманазар, Эмомназар, Эгамназар, Гулназар, Соибназар ва ѓайра

**-саид**

Мирзосаид, Бобосаид, Мањмадсаид, Мирсаид, Шоњсаид, Саидмалик, Саидалї, Абдусаид

**-бердї**

Рањмонбердї, Эгамбердї, Расулбердї, Каримбердї, Њаќбердї, Мавлонбердї, Олобердї, Худойбердї

-зод

Шерзод, Шоњзод, Бегзод, Мењрзод, Шањрзод

**-зода**

Гулзода, Шањзода, Хонзода, Моњзода, Паризода

**-хол**

Момохол, Ойнахол, Зирахол, Норхол, Ойхол, Ойимхол, Мардихол, Бибихол, Зархол

-моњ

Одинамоњ, Саймоњ, Азимоњ Раљабмоњ, Ашўрмоњ, Шарифмоњ, Зарифмоњ

**-улло**

Њабибулло, Файзулло, Атоулло, Ибодулло, Нарзулло, Хайрулло, Нурилло, Абдулло, Лутфулло, Саъдулло, Рањматулло, Амонулло, Шукрулло, Зикрулло, Сайфулло, Убайдулло, Иззатулло, Фатњулло, Ѓайбулло, Насрулло

**пасвани –ї-**

Њочї, Тошї, Боќї, Гулї, Миршодї, Мирбоќї, Мирсоќї, Зебї, Нарзї, Ќумрї, Шодї, Даврї

**-алї**

Файзалї, Шералї, Ашуралї, Давлаталї, Бегалї, Ниёзалї, Нуралї, Миралї, Мањмадалї

**-дор**

Синдор, Элдор, Дилдор, Дидор, Сардор

**пасванди калимасози –а- чинси занонаро мефањмонад**

Олим-Олима, Обид-Обида, Карим-Карима, Мунир-Мунира, Солењ-Солења, Дилшод-Дилшода, Мољир-Мољира, Камол-Камола, Назир-Назира, Хуршед-Хуршеда, Њабиб-Њабиба, Наим-Наима, Собир-Собира, Љамил-Љамила, Њоким-Њокима, Њалим-Њалима, Маќсуд-Маќсуда, Амин-Амина, Њаниф-Њанифа, Мўъмин-Мўъмина, Сољиб-Сољиба, Малик-Малика, Азиз-Азиза, Фарид-Фарида, Комил-Комила, Мўнис-Мўниса, Фирўз-Фирўза, Умед-Умеда, Муслим-Муслима, Рањим-Рањима, Њамид-Њамида, Шариф-Шарифа, Саид-Саида, Озод-Озода, Салим-Салима, Нодир-Нодира ва ѓайра

**суффикси –зор**

Гулизор, Интизор

**суффикси –бон**

Сорбон, Марзбон, Мењрубон

Тањлили таркиби морфологии калима аз вазифањои асосии морфология ба шумор меравад. Калима њамчун унсури маънодор ва дорои мафњуми муайян аз вољидњои мураккаби нутќ ба шумор меравад. Дар калима баробари маънои луѓавї як ва ё якчанд маънои грамматикї таљассум ёфта метавонад.

Таркиби морфологии исм як хел нест, онњо сода, сохта, мураккаб ва омехта (мураккаби суффиксдор) мешаванд. Дар ин љо усули ба исмњои содда гузаштани исмњои таърихан сохтаву мураккабро тањлил кардан ањамият дорад.

**Исмњои содда.** Калимаи содда он аст, ки вай дар айни замон ба дигар унсурњои маънодори луѓавї ва грамматикї таќсим намешавад. Ба гурўњи исмњои содда дар навбати аввал калимањои решагї дохил мешаванд, ки пеш аз њама предметњои конкретро мефањмонад: об, даст, санг, гул, хор ва ѓайра

Исмњои содда аз њисоби рехташавии исмњои сохтаву мураккаб пурра шуда меистанд. Исмњои рехта дар забони адабии њозира ва морфемањои маънодор таќсим намешаванд. Бояд ќайд кард, ки исмњои рехта аз исмњои решагї ва аз исмњои сохта фарќ мекунанд. Дар номгузорї исмњои хос, номњои содда чунин мисолњоро овардан мумкин аст: Шодмон, Олим, Бунёд, Ѓолиб, Зайнаб, Зуњал, Љаъфар, Ирода, Малик, Эраљ ва ѓ.

**Исмњои сохта.** Таркиби морфологии исмњои сохта гуногун мебошанд. Онњо аз морфемањои зерин иборат шуда метавонанд: а) реша ва суффикс: кор+гар, дўст+ї, гул+зор; б) реша ва префикс: њам+соя, њам+роњ; в) префикс, решав а суффикс: њам+соя+гї, њам+роњ+ї, но+дон+ї, бе+рањм+ї, бо+интизом+ї. Префикс ва суффиксњо зиёдтар њам омада метавонад: бе+њам+роњ+ї. Мисол: Норљон, Умеда, Холида, Нигина, Истода, Раќсона, Азизљон, Бираљаб, Љамила ва ѓ.

**Исмњои мураккаб.** Исмњои мураккаб гуногунсохтанд: онњо метавонанд аз ду реша иборат бошанд: сартарош, сарбоз; дар шакли сохта омадани яке аз њиссањои калимаи мураккаб низ мумкин аст: донишљў, лойхўрак, мушгирак; њар ду њиссаи калимаи мураккаб сохта шуда њам метавонад: сабзикорй. Таркиби исмњои мураккаб на танњо дуто, балки аз он њам зиёдтар реша дошта метавонад: пахтачиндухтар. Мисол: Ашўрмањмад, Мирзорањим, Мавлонберди, Дилнавоз, Хидирназар ва ѓ.

**Исмњои омехта.** Исмњои омехта аз ибора ва таркибњои гуногун ба воситаи суффиксњои калимасоз сохта мешаванд. Чунончи, исмњои шабнишинї, хонадарої, тозакунї, мондашавї, аз иборањои шаб нишастан, хона даромадан ва таркибњои тоза кардан, монда шудан ба воситаи суффикси –ї сохта шудаанд. Дар ин чо мањз ба туфайли суффикси –ї калимањо ба њам васл ва исми нав сохта шудааст. Дар сохтани исмњои омехта њамаи суффиксњо иштирок намекунанд. Ба ин вазифа бештар суффиксњои –ї, -а, -ак истифода мешаванд. Ба воситаи онњо асосан аз иборањои феълї ва феълњои таркибї исм сохта мешавад: алафдаравї, кўњбарої, аќибнишинй, хонадарої, пойтоба, хасрўба, шабпарак, байтбарак, яхмолак. Ба воситаи суффикси –й аз иборањои пешоянддор ва феълњои

таркибии пешоянддор њам исм сохтаанд: азхудравї, азнавсозї, азназаргузаронї, бањисобгирї, бахотирорї, баёдорї ва ѓайра.[1]

**Антропонимњои содда:** Гўзал, Олим, Мизроб, Њазрат, Мала, Тўхта, Зайнаб, Љаъфар Хоним, Ѓаюр, Холиќ, Њурмат, Темур, Шариф, Љамил, Азим, Сабур, Асал, Ёќут, Намоз, Фармон, Сафина, Нурмон, Анвар, Нодир, Бањодур, Фирўз, Борон, Зоњир, Ањтам, Шароф, Нозук, Пўлод, Илњом, Акмал, Њомид, Соњиб, Юсуф, Офтоб, Мано, Мурод, Икром, Рашид, Рафиќ, Рањим Мирзо, Раъно, Алфия, Зафар, Нозим, Собир, Шањло, Аълам, Озод, Акрам, Эмом, Бодом, Шодмон, Алим, Лола, Љобир, Тоњир, Шавкат, Мухтор, Комил, Султон, Ќосим, Парда, Обид, Шероз, Шакар, Ќимат, Зинат, Ўткур, Назар, Ѓайрат, Иззат, Лайло, Эраљ, Ѓолиб, Санљар, Дониш, Њилол, Ориф, Камол, Малик, Мўътабар, Бунёд, Мўъмин, Заира, Зуњал, Ўлмас, Рустам, Ирода, Соро, Сирољ, Ањмад, Исмат, Аслон, Мањкам, Роњила, Мањмуд, Осим, Полвон, Бињољар, Далер, Исмоил, Чалиш, Ќобил, Мансур, Бадал, Њотам, Бобур, Амин, Аваз, Юлдош, Фурќат, Мўњтољ, Аслам, Ќаюм, Ислом, Истам, Њаниф, Њайдар, Очил, Лобар, Садаф, Вафо, Асќад, Саид, Холис, Роман, Раљаб, Авѓон, Иќбол, Чаќќон, Њабиб, Хўљам, Ботур, Муњиб, Равшан, Амон, Маќсуд, Пир, Ўрун, Маъруф, Фозил, Наим, Рауф, Эшим, Раббим, Ёќуб, Назар, Мухтор, Шањло, Азиз, Зевар, Пата, Насим, Љобир, Љамол, Гавњар, Холиќ, Амир, Содиќ, Расул, Эшон, Парвиз, Сино, Орзу, Ханљал, Њошим, Фидо, Фархун, Сомон, Бахмал, Маман, Пирим, Нисо, Дамир, Сабина, Мунир, Аббос, Рамиз, Љовид, Нурмон, Шодмон, Луќмон, Ўроз, Љонон, Асрор, Зумрад, Ашраф, Соат, Аюб, Яњё, Пайрав, Аброр, Хусрав, Рамиз, Давлат, Зоњид, Љањон, Али, Азамат, Ширин, Сўњбат, Рамазон, Вањоб, Дилбар, Асќар, Суръат, Наргис, Анбар, Фикрат, Фарњод, Барот, Очил, Додар, Љўра, Љумъа, Одил, Ќудрат, Њофиз, Чаман, Љаббор, Рухсат, Сайёра, Руслан, Умед, Тилав, Мустафо, Акбар, Латиф, Майрам, Турсун, Навот, Шукур, Ќамар, Фаррух, Шойим, Њамза, Салим, Эраљ, Фирдавс, Узоќ, Толиб, Нафас, Умар, Кимиё, Саттор, Ришод, Ромиш, Маќсад, Ўктам, Љалол,

[1] Забони адабии ҳозираи точик. қисми I. – Душанбе: Ирфон, 1973, саҳ. 135.

Асад, Зебо, Суннат, Хумор, Маљид, Маъмур, Мўњсин, Эгам, Баён, Ќодир, Шокир, Туроб, Мурод, Туман, Лўъбат, Эрка, Бањор, Вилоят.

**Номњои сохта:** Гулшода, Нигина, Орифа, Аминљон, Њамроњ, Нозукой, Тошбек, Малика, Истода, Сайбї, Рачабї, Нурой, Норљон, Шойљон, Рўзибї, Нарзї, Ибодат, Нафосат, Раќсона, Азизљон, Бираљаб, Љамила, Саида, Зулфиќор, Солењљон, Мањзода, Гулзода, Хонзода, Гулноза, Фароѓат, Карима, Шарифа, Насиба, Малоњат, Пардабой, Дилноза, Мадина, Савлатљон, Талъатљон, Зулфира, Гулнора, Гулноз, Умеда, Холида, Парвина, Љонибек, Мањмадї-Муњаммадї, Нозира, Салимбой, Суњайло, Ѓамзат, Олтибой, Идибой, Шарофбой, Солењбой, Файзибой, Холбой, Раљаббой, Хурсандбой, Яхшибой, Тошбой, Додарой, Давронбек, Атоќул, Муниса, Розия, Очилдї, Майсара, Паймона, Саида, Азизбек, Муродљон, Шамшод, Мењрангез, Улуѓой, Тўтї, Ахмадбек, Њикматёр, Араббой, Худойќул, Наима, Фариза, Эшназар, Тураќул, Гулсумой, Хумора, Сулхия, Ниёзмо, Бўстоной, Бодомой, Султоной, Азимо, Шоира, Њамзабек, Гавњарой, Суюнбек, Шамсия, Нойиба, Анварой, Мўъмина, Њаловат, Гулфия, Мањбуба, Рухсатой, Њамроќул, Њамида, Хандона, Раббонї, Бањора, Кибрї, Ойќиз, Сабоњат, Салимбой, Отабек, Субњон, Луќмон, Дилора, Њалима, Мањшура, Манзура, Зарина, Мавзуна, Собира, Мењрї, Тошќул, Азизќул, Саидќул, Зебй, Шамсия, Матлуба, Ойимљон, Гулмира, Љониќул, Њанифа, Сайрамбї, Нозукой, Хонимљон, Сайбї, Гулбї, Тошбї, Саврї, Анора, Момохол, Зулхон, Тахмина, Асира, Љумъабой, Ќурбонбой, Ашўрбой, Сорбон, Рухшона, Латофат, Лутфия, Зулфия, Алиљон, Султоной, Улуѓбек, Идимо, Нуралї, Њилола, Мадина, Келдиёр, Мењрибон, Њанифа, Рафтора, Нигора, Шодон, Фарзона, Љумњурон, Салима, Мухбира, Ориён, Зулхумор, Умринисо, Хотира, Саъдї, Холбой, Мањтоб, Моњбї, Бињаёт, Љўрабой, Комила, Њафиза, Назокат, Њакимљон, Норбї, Нусрат, Асолат, Бурњон, Сарварой, Саодат, Нозима, Нозигул, Шањодат, Азиза, Бинобар, Дилбар, Мањфиза, Даврон, Комрон, Султон, Шоњина, Шарофат, Рањмон, Азизой, Манучењр, Искандар, Бисоро, Фирўза, Фаррух, Фарангис, Мижгона, Гулизор, Гулнора, Бунафша, Зинура, Зайда, Тамара, Кифоят, Азамбек, Љаъфарбек, Љўрабек, Љонибек, Рўзї,

Нарзиќул, Бахтиёр, Ихтиёр, Кањњорбек, Ашўрбек, Уѓулбї, Мансура, Ойбибї, Шањриёр, Шоњида, Хосият, Њурматой, Камола, Моњиноро, Хонбї, Бањром, Зебунисо, Мирзоќул, Хушнуда, Исломљон, Иззатой, Мањваш, Бињољар, Бахринисо, Шохром, Мењринўш, Мањзуна, Дилфўза, Гулхон, Улуѓой, Мўъминљон, Шодиёр, Орзиќул, Турсунбї, Чинигул, Норой, Бибиљон, Зулф+и+ра, Ойљон, Кенљабой, Насиба, Сабз+и+на, Авалбой, Мардон, Њайдарбек, Мирбой, Музаффар, Мавлонљон, Аминљон, Дилшода, Зокирбой, Њакимљон, Марзия, Мукаррам, Яхшигул, Истамќул, Турсунќул, Љўрабек, Љабборќул, Санаќул, Донаќул, Орзуќул, Норќул, Эгамќул, Ќодирљон, Одилљон, Вањобљон, Довудљон, Очабї, Ойбї, Хуррамбї, Ниёзбї, Онабї, Маллаёр, Бердиёр, Бобоёр, Худоёр, Элёр, Дониёр, Шобурњон, Нафиса, Эшонќул, Олия, Нарзулло, Хайрулло, Нурилло, Абдулло, Лутфулло, Саъдулло, Рањматулло, Амонулло, Њабибулло, Файзулло, Атоулло, Ибодулло, Шукрулло, Зикрулло, Сайфулло, Ѓайбулло, Насрулло, Убайдулло, Иззатулло, Фатњулло, Исматилло, Сунатилло, Кароматилло, Бањрилло, Иноятилло, Њикматилло, Шамсилло, Хайрилло, Амриддин, Садриддин, Саймиддин, Асомиддин, Шањобиддин, Фахриддин, Хайриддин, Аслиддин, Сайфиддин, Рањмиддин, Тољиддин, Шамсиддин, Бањриддин, Фазлиддин, Ойбї, Бисаид, Муслима, Гулбї, Моњбї, Ниёзбї, Соњиба, Мунира, Мањбуба, Шодї, Њанифа, Гулзода, Онабї, Рањима, Хољибї, Башорат, Азимбой, Файзибой, Ќуронбой, Асила, Бибиой, Холбї, Чумъабой, Мирзобой, Солења, Озода, Фарида, Рўзибой, Алиќул, Ќурбонбой, Ситора, Хуршед, Аъламбек, Зиёда, Саломат, Садорат, Тўйчї, Санавбар,Зироат ва ѓайра.

**Номњои мураккаб:** Шоњрасул, Шоњонёр, Ашўрмањмад, Гулчења, Мањманосир, Гулсухсор, Бобосаид, Шо(њ)азиз, Ќабзагул, Холмурод, Мирзорањим, Шерзод, Абдурањмон, Абдукарим, Дилнавоз, Абдуњаниф, Мавлонбердї, Шарифмоњ, Мањмараљаб, Норбигул, Тошмурод, Нортош, Шермањмад, Худойбердї, Гуллола, Абдусамад, Мањмаризо, Бибишарофат,Мањмудшоњ, Диловаршоњ, Наврўзшоњ, Бањодуршоњ, Худойдод, Худойбахш, Муњаммадрасул, Муњаммадрањим, Муњаммадкарим, Каримбердї, Рањмонбердї, Гулљамол, Некбахт, Моњиноро,

Саймирзо, Шоњсалим, Саидакмал, Њаќберді, Шоњмањмад, Некрўз, Бењрўз, Облоберді, Таќдиршоњ, Абдушукур, Мањмарофеъ, Абдухалил, Абдуѓанї, Абдуњаким, Абдуќаюм, Фазогир, Тошпўлод, Шаб+нам, Мирсаид, Дилмурод, Шањрзод, Фирўзабону, Расулберді, Абдурасул, Холмањмад, Њаќдод, Мирмањмад, Сафармањмад, Олимназар, Њаќназар, Хидирназар, Мањманазар, Соњибназар, Мирзосалим, Нормањмад, Бегмањмад, Ниёзмањмад, Мирмуњаммад, Абдуќодир, Абдухолиќ, Абдусодиќ, Нурмуњаммад, Саидмурод, Мироншоњ, Саидмирзо, Шо(њ)мирзо, Мањмашафо, Мирњоді, Миршоді, Мирсаид, Шоњсаид, Шоњљањон, Шоњљамол, Шоњмалик, Шоњкарим, Шоњрањим, Мањмадалї, Саймањмад, Мањнома, Мирзоумар, Абдувосеъ, Абдунасим, Боймањмад, Абдуњалим, Тоштемур, Мулломуњаммад, Эгамберді, Мирзоњид, Моњхоним, Мирзошариф, Гулхоним, Ойхоним, Худойназар, Њаќназар, Элназар, Ашўралї, Бибихоним, Холиќназар, Шохигул, Ойнињол, Ашўрмоњ, Моњчењра, Миршакар, Љумъаниёз, Абдурањим, Шоњисмат, Тўхтамурод, Гулдаста, Абдуманнон, Мањманўъмон, Мирзошариф, Пирназар, Пирмањмад, Эмомназар, Отаниёз, Бибигул, Муродалї, Саидалї, Бекниёз, Љањонгир, Холмўъмин, Мањмазиё, Матлубшоњ, Афзалшоњ, Дилафрўз, Абдувалї, Турсунтош, Мањмарозиќ, Ойљамол, Сангинтош, Шоњаббос, Шоњраљаб, Абдуљаъфар, Зарифмоњ, Мирзомурод, Абдунабї, Гулнигор, Тољимурод, Муллољура, Садбарг, Савлатшоњ, Давлатшоњ, Рўзимурод, Мањмазамон, Гулљањон, Муњаммадмурод, Абдумаљид, Саидмалик, Темурмалик, Алимањмад, Шоњсанам, Мирзомўъмин, Шоњназар, Бањрагул, Мирзоамин, Гулњаё, Гуландом, Рањмоналї, Фариштамоњ, Оймањмад, Тошниёз, Мардихол, Вафодор, Мењринигор, Субњинисо, Моњинисо, Марзбоншоњ, Норсултон, Баргигул, Пиркаш, Аврангзеб, Гулзебо, Хушбахт, Њайитмурод, Муродќобил, Муњаммадќобил, Химчагул, Хайринисо, Гулнисо, Гулпарї, Хонигул, Шоњмурод, Дилбоз, Гадоймурод, Љумъаназар, Абдуќањњор, Тоѓоймурод, Абдулќаюм, Дўстмањмад, Отамурод, Абдунасим, Давлатмоњ, Майнагул, Мањмарофеъ, Марзиябону, Боѓдагул, Ойсултон, Ризвоншоњ, Мањмазариф, Ањмадшоњ, Оламафрўз, Ѓоибназар, Абдулазиз, Мањмарашид,

Мирфаёз, Наврўз, Кенљагул, Гулсанам, Боймурод, Моњрухсор, Фаррухрўз, Султонмурод, Мањмазоир, Мањшариф, Муњаммадсолењ, Гулбањор, Мањмаюсуф, Гулмањмад, Гуласал, Давлаталї, Љомањмад, Зарнигор, Дилдор, Саидмўъмин, Абдуламид, Алимардон, Шоњдил, Мирюнус, Ѓунчагул, Исмигул, Љумъагул, Сайригул, Мењрибону, Гулдона, Тошболта, Хушмурод, Заррагул, Боборањаб, Зирахол, Моњпора, Анўшервон, Гулрў, Бибихол, Моњсафар, Аллабердї, Турсунпўлод, Ойсифат, Ойшафо, Абдуфаттоњ, Шоњсанам, Дурдона, Мирљањон, Дилрабо, Шоњзод, Абдумурод, Нўшофарин, Абдушукур, Таќдиршоњ, ва ѓайра.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ масъалаи номгузорї ѓайр аз забони точикї ё ин ки арабї тољикишуда, балки номњо бо забони ўзбекї-туркї ва рўсї низ мушоњида карда мешавад:

Номњои ўзбекї-туркї: Ќузибой, Ќарасоч, Ойќиз, Тўхта, Билќиз, Тансуќ, Эгамбердї, Норчучук, Њаќбердї, Ойпарча, Бошмон, Чойлаш, Ќучќор, Оллоњбердї ва ѓайра.

Номњои рўсї: Татяна, Саша, Валя, Ирина, Маргарита, Вячеслав, Вероника, Слава, Таня, Наташа, Ление, Анжелика, Эммина, Диана, Шадрин, Елена, Лиля, Диля ва ѓайра.

Бештари ин номњои шахсон бо сабабњои никоњ ба дигар ќишлоќу шањр ва мавзеъњо кўчида рафта, ба фарзандони худ ин номњои бологиро гузоштаанд, ки шахсон насли оќсоиён мебошанд.

Мо кўшиш кардем, ки баъд аз таснифоти Ономастика (номњое, ки ба шахс алоќаманд аст) аз љињати сохт маъноњои аслии номњое, ки ба шахс далолат мекунад, ба тариќи илова оварданро лозим донистем, чунки на њамаи одамон маънои номашонро, ки исми љинсро ифода мекунад, медонанд:

Ибод.а. – 1. одамон, мардум, халќ

Камол.а. – 1. пуррагї, мукаммалї, фазилат

Лазиз.а. – лаззатнок, бомазза, хуштам

Акмал.а. – комилтар, пурратар, тамомтар

Бародар - писарони як падару модар

нисбат ба њамдигар, додар, ака, ука

Фарид.а. – ягона мач. беназир, бемисл

Халил.а. – дўстї, дўсти мењрубонї

Хумор.а. – њолати баъд аз мастӣ

Валї.а. – 1. дўст, содиќ, ёвар, мададгор

Гавњар - марварид, санги ќимматбањо

Давлат - 1. мол, сарват, боигарї, дорої
2. мамлакат

Ёдгор - ёддошт, хотира

Яњё.а. – 1. исми хос
2. номи яке аз пайѓамбари
бини – Исроил
3. номи шахсе, ки бисёр сахї
будааст
он аз сахти рањої меёбад

Ѓолиб.а. – 1. ѓалабакунанда, забардаст
2.зиёда, бисёр, фаровон, бештар

Ќайюм.а. – пойдор, устувор, поянда, абадї

Њазрат (а) - њозиршавї, њузур

Замир I .а. – 1. дил, ќалби инсон

Мањфўз.а. – 1. њифз кардашуда, дар ёд
дошта шуда
2. нигоњ дошта шуда

Навбањор - 1. бањори нав, авали фасли
бањор
2. киноя аз зани љавон ва хушрўй

Одил.а. – баинсоф, додгар, адолатпеша

Пўлод - 1.филлизи нуќтаранги бисёр
мустањкам, ки аз якљоя гудохтани
оњан бо миќдори муайяни
карбон (углерод) њосил мешавад

2. киноя аз дили сахт ва берањм

Райњон.а. – 1. гиёњи хушбўи бўидани ва хўрданї, нозбў, сипарѓам

Сабоњат.а. – ишно кардан, шиноварї

Тоза - 1. нав, љадид
2. зебо

Убайд.а. – номи мардона

Чаман I - замини сабзу хуррам

Шабона - шабонгоњї, вaќти шаб

Элдор - соњибќабила, соњиб тоифа, сардори ќабила

Юнус - номи яке аз пайѓамбарон, ки аз рўи афсонаи динї гўё ўро моњи фурў бурда аст

Мувофиќи назарияи тахминии олимон гўё њар як њарфи номи инсон гўё бо феълу атвори њамон инсон алоќманд будааст, ки инро олимони Америкої тадќиќ намудаанд. Барои мисол мо њарфњои забони тољикиро меорем, ки бо њулќу атвори дорандаи номи ин њарфњо алоќаманд будааст:

А - ќувва ва њукумдорї;

Б – ба њисси зиёд соњиб будан;

В – беќарорї, номунтазамї;

Г (Ѓ) – сирдор;

Д – одамонро љалб карда тавонистан

Е (Ё) – сабру тоќат, фидої;

Ж – нобоварї;

З – моил ба шубња, душворechoии моддї, ќаноат њосил накардан;

И (Й) – таъсирнокї;

К (Ќ) – эњтиёљи калон ва асабї шудан ба он расидан;

Л – ќобилияти баланди ихтирочигї;

М – мењнатдўстї, расмиятчигї;

Н – нињоят серѓайрат, нафсияти эљодї;

О – ба њиссу њаяљон бой, њаяљони сирнок;

П – яккагї, хоксорї, одамгарї;

Р – њиссиёти баланд, асабонии доимї;

С – тез-тез руњан азоб кашидан, дилгирї;

Т – љустуљўи бардавом ва ба чизњои душвору дастнарас кашидан;

У (Ў) – дилѓашї, тарсу вањм, зиракї;

Ф – нафисї, мос шудан ба ягон чиз, кас;

Х (Њ) – муаммои љинсї, барќарории њиссиёт;

Ч – саодат;

Ш – рашк, ба мурасо наомадан;

Э – чустучўи мувозинати руњї;

Ю – номунтазамї иззату нафси баланд доштан;

Я – аќл, идроќ, ќобилияти эљодї;

Дар ноҳияи Бўстонлиқ лаќабњо низ мавќеи муњим доранд. Умуман дар соњаи Ономастика, ки бахши он антротопонимия мебошад, лаќабњо роли муњим мебозад. Бештари лаќабњо бо касбу кори шахсон ва феълу атвори онњо алоќаманданд. Сабаби дигари лаќабњо дар номгузории шахсњо барои фарќ кардани онњо лозим аст.

Ин гуна лаќабњо дар ноҳияи Бўстонлиқ низ дида мешавад:

Усто Холмурзо – барои устои сартарош буданаш ин лаќабро гирифтааст.

Ањтам чўпон – ба касби чўпонї машѓул буд.

Искандар шайх – аз сабаби шайхи зиёратгоњ буданаш.

Ањмадполвон – ба касби гўштингирї машѓул буда, лаќаби пањлавонро гирифтааст.

Раљавак – аз сабаби хурд будани љусааш.

Холпартия – ба партияи комунистї аъзо будааст.

Вoњиди чаѓ-чаѓ – сабаби бисёр гап задан ин лаќабро гирифтааст.

Шаримогаї – аз њар як кас ба куљо рафтанашро мепурсад.

Наимгунг – камгап.

Шарифќул ќасоб – сабаби ќасоб буданаш ба ин лаќаб соњиб шудааст.

Раљаб ќозї – ба одамон дахл мекардааст.

Аваз уткур – шахси чашмтез.

Искандар шайх – аз сабаби шайхи зиёратгоњ буданаш.

Шодї мањлим – касби муаллимиро ўњдадорї кардааст.

Норби депутат – дар ваќтњои савхозї ба ин лавозим соњиб шуда, то њол ин лаќабро гирифтааст.

Амон осиёчї – дар њавлии худ осиёи обї дорад ва ба ин касб сарукор дорад.

Шодї мантиёр – касби мантиёрї дорост.

Мулло Исмоил – муллои дења мебошанд.

Ѓайрат кавкбоз – ба кабкпої машѓул мебошанд.

Одина човандоз – ба касби човандозї соњиб мебошад.

Шукур усто – устои гулдасти биносоз мебошанд.

Фозил камитет – камитети дењаи Бурчмулло мебошанд.

Садор магазинчї – дар магазини мањалла кор мекунанд.

Уѓлон милиса – касби милисагиро ба ўњда гирифта буданд.

Салим партизан – ба касби партизанї машѓул буданд.

Сулаймон Раис – раиси колхоз буданд, њоло њозир фермер мебошанд.

Эргаш турк – аз халќи туркманњо омада дар ин дења муњим мондаанд.

Насим мерган – ба касби шикорчигї машѓул будаанд.

Абдулло ошпаз – ошпази дења мебошанд.

Гулсум кайвонї – дар тую маърака ба касби кайвонигї машѓул мебошанд.

Али дароз – аз сабаб ќади дароз доштанаш ин лаќабро гирифтааст.

Ѓуломи каллапаз – кала поча мепухтааст.

## БОБИ II

### Топонимияи ноҳияи Бӯстонлиқ ва деҳаҳои он

Топонимика аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, «topos» - маҳал, макон, љой оид ба ном) таъриху шароити пайдоиш, инкишоф, маънову мундариља ва макони интишори номҳои географӣ, «топонимҳо»-ро меомӯзад. Маљмӯи номҳои географии ин љо, он маҳал топонимияи он мебошад. Барои ишораи номи маҳалҳои калони истилоҳи «макротопоним» (макро – калон), барои номи маҳалҳои хурд «микротопонимро (микро – хурд) истифода мебаранд.[1]

Топонимика ба чузъҳои дигар ойконимия, гидронимия, оронимика, урбонимика ва ғайраҳо тақсим мешавад.

**1. Ойконимия**

Ойконим вожаи юнонї буда, маънии хона, хољагии хонавода, биноро дорад ва дар илми топонимика чун истилоњ маљмўи номи нуќтаи ањолинишин (шањр, шањрак, дења, гузар, махалла)-ро ифода менамояд.

Ойконимияро низ муњаќќиќон вобаста ба нуќтањои маскунї аз нигоњи њудуд ба гурўњњои полионимия (маљмўи номњои шањр) комонимия (маљмўи номњои дењот) урбаномия (маљмўи хиёбону кўча, пасткўчаву гузаргоњ) агронимия (маљмўи номњои майдон ва бозорњои шањр) ва ѓайра таќсим менамояд.

Ойконимия – шањр, ќишлоќ, овул ва дигар пунктњои ањолинишинро мефањмонад. Шањар пункти калони ањолинишин буда, марказхои маъмурї иќтисодї ва маданї ба њисоб меравад. Калимаи шањар санскритї буда, маънои «давлат» ё «ќароргоњи мутлаќи њоким»-ро мефањмонад.

Ќишлоќ дар асл пункти майдаи ањолинишин буда, дар китоби С.Ќораев «Топонимика» - ба маънои «ќишланадиган жой, яйлов – «ёзда тураладиган жой»-ро акси ифода мекунад.[1]

Дар китоби Д.Њомидов «Водии Кешруд» бошад, ќишлоќ-тољикї, яъне кишт+лох таркиб ёфта, номи чуѓрофие созмон додааст, ки муталлиќи ду забон мебошад.[1]

[1] Энсиклопедияи точик. ч.7. – Душанбе, 1988.

[2]Қораев С. Топонимика. –Тошкент: Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриёти, 2006, 51-бет.

Дар Ўзбекистон тахминан 13000 нуктаи аҳолинишин мавчуд аст. Аз ин даҳ сол пештар шумораи онҳо зиёдтар буданд. Бештари қишлоқҳо сатҳан калон шудааст ёки аҳолиро ба дигар мавзеъҳо кўчонида бурдаанд, лекин «кўл хушк шавад, ҳам номаш боқї мемонад» ингуна номҳои масканҳо дар ёдгориҳои хаттї, архивҳо маҳфўз мондаанд. Ҳамин хел, шумораи умумии ойконимҳои Ўзбекистон ба 25-30 ҳазор расидааст. Ойконимҳо шакли ивазшавандаи топонимия мебошанд. Хусусияти табиатнокии кишвар, дар давоми асрҳо, руйдоди ҳодиса воқеаҳои таърихї, ичтимої, сиёсї, номҳои аҳолї оиди касб-ҳунар, пунктҳои аҳолї аввалин таълиф ёфта ё инки бо номи шахс асос ёфта, дар он чи гуна вакилҳои қавм зиндагї кардаанд ё мекунанд нигоҳ карда, этноним номҳои шаҳар-қишлоқ асоси худро ёфтааст.

Ойконимия дар байни ҳамаи топонимҳо аз љиҳати таърихї, лисонї ёдгориҳои қимматбаҳо ҳисоб меёбад. Маънои ин номҳо ба кадом забон оид буданаш, бисёр фикрҳо баён шуда бошад ҳам, омада баромади онҳо то ҳол ҳал нашудааст. Дар бораи этимологияи топонимҳо фикрҳо баён шуда бошад ҳам, шумораи онҳо аниқ нашудааст. Маънои онҳо ҳамин, ки мулоҳизаҳои гуфташуда бисёр шавад, дараљаи майяни этимологияи онҳо низ зиёд мешавад. Мо дар ин рисола лозим донистем, ки оиди ойконимия ва микротопонимияи ноҳияи Бўстонлиқ ва гирду атрофии он маълумот оварем:

Ба мо маълум аст, ки Бўстонлиқ ноҳияи калон буда, дар таркиби вилояти Тошканд мавчуд аст. Ин ноҳия 19 апрели соли 1955 ташкил шудааст. Ноҳияи Бўстонлиқ аз шимол бо чумҳурияти Қазоқистон, аз шарқ бо вилояти Таласи чумҳурияти Қирғизистон, аз чанубу шарқ бо ноҳияи Попи вилояти Наманган, аз шимол-ғарб бо ноҳияҳои Қибрайи вилояти Тошканд, аз чануб бо юқори Чирчиқ, Паркент, Оҳангарон ҳамсарҳад аст. Майдонаш 4,93км$^2$ аст. Аҳолиаш 142, 9 ҳазор нафарро ташкил мекунад.

Гузарҳои ноҳияи Бўстонлиқ

**Гузари Бештут, гузари Янги, гузари Эски, гузари Хўчакент, гузари Чинор, гузари Чорбоқ ва ғайраҳо.**

[3] Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. – Душанбе, 2002, саҳ. 78.

**Гузари ќалъа** тарафи шарќии ноҳия чой гирифтааст. Гузари ќалъа хеле зебоманзар буда, боѓу роѓњои сабзгашта дорад. Обњои равон аз байни гузар мегузарад.

**Гузари сой** дар тарафи ѓарбии ноҳия љой гирифтааст. Ин гузар аз номи худ маълум аст, ки дар назди сой љой гирифтааст.

**Гузари чуќурак** дар пастхамї, яъне чуќурї вуќўъ дорад. Аз ҳамин сабаб ҳам номи ин гузарро чуқурак меноманд.

**Гузари поён** дар наздикии ноҳия  љой гирифта, сокинони навбунёдаш дар ин љо муќим доранд.

**Гузари Бештут** дар тарафи ғарбии ноҳия чой гирифтааст. Дар оғози гузар панч туте будааст ва мардум дар рўзҳои гарми тобистон дар сояи он тутҳо нишаста сўҳбатҳо меоростаанд. Ҳоло дар чои он тутҳо аз тутҳо асар ҳам намондааст, аммо номи гузар бо номи гузари бештут номгузорй шудааст.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ якчанд мактабҳои калон вучуд дорад, ки дар он насли навраси ноҳия таҳсили илм мекунанд.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ якчанд бозорҳои калон мављуд аст, ки рўзњои сешанбе, панчшанбе ва якшанбе бозор баргузор мегардад.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ якчанд деҳаҳо мавчуд аст:

Деҳаи Бурчмулло

Деҳаи Думалоқ

Деҳаи Қўшқўрғон

Деҳаи Қаравой

Деҳаи Абай

Деҳаи Чимгон

Деҳаи Қашқо

Деҳаи Сариқи

Деҳаи Қалъача

Деҳаи Навобод

Деҳаи Сойлиқ

Деҳаи Хондалоғ (Хондайлиқ)

Деҳаи Полвонак

Деҳаи Қорамазор

Деҳаи Сижжак

Деҳаи Нанай

Деҳаи Боғистон

Деҳаи Болодала

Деҳаи Писком

Деҳаи Қоранкул

Деҳаи Юсуфхона

Деҳаи Хумсон

Ин чо лозим донистем, ки дар бораи муҳити географӣ, шуғули аҳолӣ ва маънои ибтидоии баъзе номҳои деҳаҳо таваққуф намоем.

Дењаи **Бурчмулло** ба ноњияи Бўстонлиќ нигоњ мекунад. Ин деҳа дар мобайни кӯҳҳои Чатқол ва Тяншон чойгир шудааст. Дар ин деҳа ду дарёи калонҳачм мавчуд буда, яке Кӯксув ва дигаре Чатқол номида шудааст. Калимаи Бурчмулло аз ду қисм иборат буда, мувофиқи этимологияи халқӣ аз ду қисм – «бурч»-кунч ва «мулло»-мулло, яъне муллоҳое, ки дар як кунч зиндагонӣ мекунанд, ифода менамояд.

Ин деҳа яке аз деҳаҳои қадимтарин ба шумор меравад. Археологҳо аз ин деҳа (сарҳаде, ки дарёҳои Кӯксув ва Чотқол ҳамроҳ шудаанд) харобаҳои шаҳри қадимаро ёфтаанд. Дар як қисми шаҳр (қисме, ки дарёҳо ба ҳамдигар ҳамроҳ шудаанд) қалъаи чоркунчае, ки бо девор ва манораҳо сохта шудаанд, мавчуд будааст. Дар гирду атрофии қалъа кӯчаҳои танги маҳаллаҳое, ки ҳунармандон зиндагонӣ мекарданд, мавчуд будааст. Харобаҳои деворҳои хона ва устохона, асбоб-анчомҳои рӯзғор, аслиҳаҳои меҳнатии давраи ибтидой ва бозёфтҳои дигар аз шароити вазнини меҳнаткашони шаҳр дарак медиҳад. Дар қисми чанубии шаҳр бозори калоне мавчуд будааст.

**Юсуфхона** яке аз деҳаҳои ноњияи Бўстонлиќ буда, дар шеваи мардум бо номи «Қашқо» - яъне «Алобуло» номида мешавад. Аз сабабе, ки дар ин деҳа барфу борон бисёр меборад, офтоб ба баъзе чойҳо бисёр нур мепошаду ба баъзе чойҳо офтоб кам мерасад, яъне барфҳо он қадар об намешаванд. Аз

ҳамин сабаб ҳам мардум номи деҳаро Қашқо, яъне Алобуло меноманд. Деҳаи мазкур ҳам дар байни кӯҳҳо чойгир шуда, ҳавои софу беғубор дорад.

Дењаи **Хондалоғ** низ ба ноњияи Бўстонлиќ дохил мешавад. Дар байни мардум «Қадалоғ» номида мешавад. Дар замони қадим дар ин деҳа ниҳоят бисёр сафедорҳо мавчуд будааст. Аҳолӣ аз ин сафедорҳо барои сохтмони хонаҳо истифода мебурданд. Ин болорҳо (ходаҳо) барои одамон ҳамчун ашёи хом истифода мешуд. Инак номи деҳа аз ҳамин чост.

**Яккатут** – яке аз деҳаҳои хушманзараи ноҳияи Бӯстонлиқ аст. Назар ба қавли сокинони ин деҳа пайдоиши номи ин деҳа чунин аст: Дар деҳа як масчиди калон мавчуд будааст. Дар назди масчид як дарахти туте мавчуд будааст, ки якчанд солҳо умр дида будааст. Як одам ин дарахти тутро мебурраду аз олам чашм мепӯшад. Ин дарахт аз тарафи пайғамбарамон саллаллоҳу алайҳи вассалам шинонда шуда буд. Аз ҳамон рӯз оқоз карда, ин деҳа бо номи «Яккатут» машҳур аст.

Деҳаи **Сойлиқ** дар ноҳияи Бӯстонлиқ мавчуд аст. Сойлиқ дар қаторкӯҳи Тяншон чой гирифтааст. Вобаста ба номи деҳа ривояте мавчуд аст, ки Искандар Зулқарнайн разведкачиёни худро мефиристанд, то ки чойгиршавии деҳаро фаҳмида оянд. Онҳо омада мегӯянд, ки «сойлиқ экан». Аз ҳамон рӯз эътиборан деҳа бо номи Сойлиқ машҳур аст.

Деҳаи **Хондайлиқ** дар ноҳияи Бӯстонлиқ мавчуд аст. Деҳа дар қаторкӯҳҳои Чотқол чойгир шудааст. Деҳаи Хондайлиқ соли 1956 моҳи март ба таркиби ноҳияи Бӯстонлиқ ҳамроҳ карда мешавад. Мувофиқи маълумоти шоир Асад Асилов халқ аз душманҳо барои паноҳ чустан «хандақ»-ҳо, яъне чуқуриҳо месозанд. Ин деҳа таърихи зиёда аз duҳазорсола дорад.

**Сижжак** – этимологияи сижжак маълум нест. Мардуми ин деҳа ин ном дар асл «сежак» буда, «се чар» аст гӯён эзоҳ медиҳанд.

**2. Гидронимия**

Гидронимия аз калимаи hidro-и юнонї гирифта шуда, дар илми топонимика мавзеи чуѓрофиро мефањмонад, ки бо об алоќаманд (дарё, бањр, њавз, чашма, шаршара, кўл ва ѓайра) буда, гидронимия маљмўи номњои мавзеъњои обї мебошад.

Истилоњи гидронимика калима ва воситањои калимасозиро дар бар мегирад, ки ба объектњои обї вобастагї дорад. Гидронимњо дорои хусусиятњои зиёди забонї, таърихї ва љуѓрофї буда, шумораи умумии номњои бо об алоќаманд тавассути мављудияти шаклу муродифоти зиёд аз худи шумораи мавзеъњои обї бештаранд. Як бањр, дарё ва ё руд дар тўли таърих метавонад, чандин маротиба номи худро табдилу таѓйир дињад.[1]

Дар забони туркї ба ќатори терминњои туркї асосии гидронимикї калимањои зерин дохил мешаванд.

Су – дар забонњои озарй, туркї, тоторї ва ќазоќї

Сув – дар забони туркманњо, ўзбекњо ва ѓайра

Суў – дар забони ќараќалпоќї талаффўз мешавад.

Аз ин калима номњо сохта шудааст. Масалан:

Истусу – номи дарё дар Озарбайљон

Тарасу – дарё дар Тотористон

Келтесув – дарё дар Туркманистон

Дар љои дигар калимаи Nehir яъне нањр таъкид шудааст, ки аз ин калима њам гидронимика сохта шудааст.

Масалан: Sakarya Nehri, Meric, Nehri ва ѓ. Калимаи дигар «дарё» мебошад, ки ономастикањои зиёд махсусан гидронимикањо бо кўмаки ин калима сохта шудаанд.

Масалан: Сирдарё, Амударё, Ќорадарё ва ѓайра. Калимаи «булоќ» њам хоси забони туркї буда, ба сохта шудани як ќатор гидронимикањо асос шудааст. Маънои ин калима чашма буда, гидронимикањои ба он вобаста инњо мебошанд:

Ќарабулоќ, Ќизилбулоќ – номи чашмањо дар Озарбойљон.

Сарыбулоќ – дар Ќазоќистон.

Алты – Булоќ – дар Ќирѓизистон.[2]

[1] Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. – Душанбе, 2002, саҳ. 45.
[2] Ономастика. – Москва: Наука, 1969, стр. 164.

Дар Осиёи Марказї аз њама дарёи калон – Амударё буда, оиди он таърихнигори Юнон Герадот (пеш аз мелод V аср) дар асараш Аракс гўён овардааст.

Номи ќадимаи форсї-эронии Амударё Вахш (Вахшоб) буда, яке аз рўди калонаш њоло њозир њам Вахш ном дорад.

Номи Сирдарё низ бисёр маънoњоро дорост. Дар асари таърихнигори Юнон Яхартес (Яксарт) баъзан Таниас, дар китоби муќаддаси Зардуштиён «Авасто», Дану, Яоша, дар «Њудуд-ул-олам», ки дар асри X таълиф ёфтааст, дар дастнависњои туркї Њашарт, Руник ва ѓайра маълумот оварда шудааст.

Дарёи Зарафшон бо маънои «зар афшондан» омадааст.[1]

Мо дар ноҳияи Бўстонлиқ низ объектњои обиро мебинем, ки њар яки он бо номи худ соњиб аст.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ дар кўњу њамворињо чашмањои пурљўшу хурўше мављуд аст, ки бештари онњо ба номи худ мансубанд. Аз ин чашмањо мардуми ин љо бањраманд мешаванд.

Баъзе чашмањо калон буда, оби зиёде доранд, баъзеяшон бошад, дар ваќти хушксолї обашон хушк мешавад. Чашмањои ин ноҳияи сарсабз фаровон ва таъмаш ширин буда, аз минералњо бой аст ва ба дарди кас даво мебошад.

Чашмањои дар ноҳияи Бўстонлиқ мављуд буда инњоянд:

**Чашмаи сиёҳ** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, кас ба даруни чашма нигоҳ кунад оби чашма сиёҳ метобад, чунки ба даруни об сангҳои кабути сиёҳтоб мавчуд аст. Аз ҳамин сабаб чашмаи сиёҳ меноманд. Чашмаи мазкур аз деҳаи Нанай 4,5-5 километр дур аст. Оби чашма хусусияти шифобахшӣ дорад.

**Чашмаи Давлатбобо** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, Давлатбобо ном шахс аз сабаби обёрӣ намудан об баровардааст ва чашма ба номи ў гузошта шудааст.

[1] Қораев С. Топонимика. – Тошкент: Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриёти, 2006, 57-58 бет.

**Чашмаи Содиқбобо** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, Содиқбобо ном шахс барои чорводорӣ ва зироаткорӣ об баровардааст ва чашма ба номи ў гузошта шудааст.

**Чашмаи поскона** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз сабабе, ки оби чашмаи мазкур ба тарафи чап чорӣ мешавад, пасконачашма меноманд.

**Чашмаи қулдирама** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз сабабе, ки оби чашма ҳамеша қур-қур мекунад, яъне овоз мебарорад, онро қулдирамачашма меноманд.

**Чашмаи чакак** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, дар болои зов чашмае мављуд аст, ки дар баҳорон оби чашма зиёд шуда, аз рўи зов мешорад. Боиси њамин њам онро чашмаи чакак, яъне чак-чак ном гирифтааст.

Чашмаи Чоршанбе

Чашмаи Гулдар

Чашмаи Азамат

Чашмаи Хосият

Чашмаи Маҳая

Чашмаи сиёҳ

Чашмаи Ихлосато

Чашмаи Давлатбобо

Чашмаи Содиқбобо

Чашмаи Базгагатобобо

Чашмаи Ғормазор

Чашмаи Мулҳочӣ

Чашмаи Поскона

Чашмаи Қавсаратобобо

Чашмаи наяк

Чашмаи қулдирама

Чашмаи тавоқ

Чашмаи калласанг

Чашмаи чакак

Чашмаи олмабулоқ

Чашмаи қурмул

Чашмаи калони Абдусамад

Чашмаи сойи Азим

Чашмаи сойи Танг

Чашмаи сойи Мирзобой

Чашмаи сойи Мирбой

Чашмаи сойи Шомурод

Чашмаи саврбулоқ

Чашмаи хатма

Чашмаи Шодй

Чашмаи Абдувоҳид

Чашмаи Каримака

Чашмаи Қўчқор

Чашмаи Нозиртой

Чашмаи Токнай

Чашмаи сойи Азим

Чашмаи сафед

Чашмаи главасой

Чашмаи маъдан

Чашмаи Чуќурсой

Чашмаи Мурод

Чашмаи тоштепа

Чашмаи сойи калта

**Шибарњо**

Шибарњо дар заминњои гуногун мављуд аст. Шибарњо доимо обдор буда, дар он бисёртар ќамиш ва њаргуна гиёњу растанињо мерўяд. Оби шибар доимо дар як љо меистад, обаш намешорад. Аз чашма бо њамин хусусияташ фарќ мекунад.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ чунин шибарњо мављуд аст, ки бо номњои гуногун мансубанд:

Шибари Раҳим

Шибари Қодирбобо

Шибари Њамроќул

Шибари Абдувоњид

Шибари сойи дароз

Шибари Акмал

Шибари Мурод

Шибари Асқар

Шибари Шомурод

Шибари Мавлонбобо

Шибари Акбар

Шибари Нуриддин

Шибари Шермуҳаммад

Шибари Аминбой

Шибари Норқулбой

Шибари  панччашма

Шибари Зафарбобо

Шибари Қосимбой

Шибари Амриддинбобо

Шибари сойи хурд

Шибари Мирзобой

Шибари Зоҳидбой

Шибари чокарон

Шибари сойи калон

Шибари чашмаи соф

Шибари Аҳмадбой

Шибарҳое, ки дар ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд мавчуд ҳаст, аксари он шибарҳо ба номи одамоне, ки асосан дар ҳамин мавзеъ истиқомат кардаанд, номгузорй карда шудааст.

**Шибари сойи дароз.** Дар сойи дароз ном чое  шибари васеъе воќеъ аст, ки бо номи ҳамон сой номгузорї шудааст.

**Шибари Қодирбобо.** Њоло ин шибар мавчуд аст ва бо номи Қодирбобо ном гирифта мешавад. Ин шибар дар хушксолиҳо ҳам ҳатто хушк нашудааст. Мардум шибари мазкурро ба ҳама сахтиҳо қодир ва тобовар мегўянд.

**Шибари сойи калон.** Дар сойи калон ном чое шибари на он қадар калоне мавчуд аст, ки бо номи ҳамон чой номгузорй карда шудааст.

**Шибари чашмаи соф.** Ин шибар дар замини Аҳмадбой љой гирифтааст. Маълум аст, ки дар њар љое ки об бисёр аст шибару чашмаҳо бисёр мешавад. Ин шибар низ бо номи ҳамон чашма гузошта шудааст.

**Шибари Комил.** Ин шибар бо номи Комилљон машњур аст.

**Шибари Акбар.** Дар мобайни заминҳои Акбар ва Асқар боғҳои зиёди Акбар мавчуд аст, ки дар паҳлўи ин боғҳо шибаре мавчуд аст. Дар он шибар ќамиш ва растанињои газинка, пудина ва дигар растанињо мерўянд.

**Шибари Мирзобой.** Мирзобой шахси меҳнатие гузаштааст, ки бо як бурда нони ҳалоли худ фарзандонро тарбият кардааст. Ин шибар низ бо номи Мирзобой алоќаманд аст. Мирзобой гирду атрофии шибари мазкурро бо дарахтҳои ҳархела обод кардааст ва ба фарзандони худ мерос гузоштааст.

**Шибари Амриддинбобо.** Дар замини Амриддинбобо шибаре вуљуд дорад, ки Амриддинбобо аз дунё гузашта бошад њам, шибар бо номи ў гуфта мешавад. Шибар баъзан дар хушксолиҳо хушк ҳам мешавад.

**Шибари Норқулбой.** Норқулбой ном паҳлавоне гузаштааст, дар паҳлавонй ҳамтое надошт. Мардум аз рўи эҳтиром ва садоқат ба паҳлавони худ ба шибар номи Норқулбойро додаанд. Аз қадим ин чониб шибар бо номи ў машҳур аст.

**Шибари Шермуҳаммад.** Дар замини калони Шермуҳамад чашмаю шибарњо мављуд аст, ки бо номи ў номгузорї шудааст.

**Шибар Мурод.** Дар њар љое, ки об бисёр аст, шибарњо вуљуд дорад. Мурод ном шахсе ҳар сол дар болои ин шибар бо чорвои худ омада зиндагонй мекардааст. Мардум шибари мазкурро бо номи ў, яъне Мурод гузоштаанд.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он шаршараҳо низ мавчуд аст: **Шаршара, Шаршараи обпари Асхар, Шаршараи обпари калит, Шаршараи обпари оқпошлов, Шаршараи даруни кўл, Шаршараи Қарабов, Шаршараи Қарақиз, Шаршараи Пскомсой ва ғайраҳо.**

**Шаршара**

Ин шаршара дар доманаи кўҳ љой гирифтааст. Аз бари ќуллањо об љорї шуда омада ба сангҳо бархўрда, аз баландии тахминан 30-40 метра бо такону гардишҳо ба поён равона мешавад. Дар гирду атрофии шаршара одамон бофароғат дам мегиранд ва осоиш мекунанд. Манзараи ин чо хеле зебо ва дилнишин аст.

а) Лимномия

Лимноним як чузъи гидронимия буда, номи кўл ва њавзро ифода менамояд ва лимнонимия бошад, мачмўи чунин номњо мебошад.

Дар њудуди ноҳияи Бўстонлиқ бо номи одамон вобаста њавзњои хурду калон мављуд аст. Ин њавзњо бо маќсадњои гуногун сохта шудаанд. Баъзе њавзњо барои оромгоњи бачагон созанд, дигаре барои подаву рамаи дењаҳои худ сохтаанд.

Ин њавзњои дар поён навишта шуда, барои њољати мардумро баровардан хизмат мекунад.

Њавзи Абдумалик

Њавзи Мурод

Њавзи усто Қобил

Њавзи Шодй

Њавзи калон

Њавзи Ҳошим

Њавзи Ҳабиб

Њавзи хурд

Њавзи Нуриддин

Њавзи Ғолиб

Њавзи мактаб

Њавзи Салим

Њавзи Камол

Њавзи Искандар

Њавзи Холмањмад

Њавзи Аҳадбой

Њавзи Малик

Њавзи поён

Њавзи Айтмат

Њавзи боло

Њавзи Мардон

Њавзи Мањмуд

Њавзи Шамсиддинбобо

Њавзи Сулаймон

Њавзи Холмурод

Њавзи Ботур

Њавзи Салим

Њавзи Ќодир

Њавзи охурдор

Њавзи Эшон

**Њавзњо**

**Њавзи боло.** Аз сабабе ки ҳавз нисбат ба деҳа дар баландитар , яъне болотар сохта шудааст, бо номи ҳавзи боло машҳур аст.

**Њавзи усто Қобил.** Қобил ном усто, яъне ҳунарманди таърифие гузаштааст, ки имрўз низ фарзандони ў касби падарро пеша кардаанд. Усто Қобил дар деҳаи худ ҳавзе сохтааст, ки вакилони деҳаҳои ҳамсоя аз он истифода мебаранд. Ҳавзи мазкур имрўз ҳам бо номи усто Қобил машҳур аст.

**Њавзи Қодир.** Дар замини Қодир њавзи калон мављуд аст, ки бо номи соњибаш номгузорї шудааст.

**Њавзи Шамсиддинбобо.** Шамсиддинбобо дар замини худ њавзи симентие сохтааст, ки барои боѓ ва рамааш хеле зарур аст.

**3. Оронимия – (Оронимика)**

Оронимика (илмест оид ба номи релефи рӯи замин)

Ороним номи мавзеъњои сатњизаминии ба шаклњои релеф марбут бударо меомӯзад. Оронимия маљмӯи чунин номњо мебошад. Яъне ба маънои дигар номи кӯњњо, теппањо, ѓорњо, љарињо, нишебињоро оронимия меноманд.[1]

Дар лексикологияи тамоми забонњо номњои љой ва мавзеъњо яъне номњои љуѓрофӣ диќќати тадќиќотчиёнро ба худ љалб менамояд. Ба инњо мисол шуда метавонад: Номњои кӯњ, аѓба, ќулла ва ѓайрањо. Агар сухан дар бораи кадом объекти географӣ рафта истоданашро нафањмида сохт ва љинсияти калимањоро фарќ карда наметавонем.[2]

Дар конгресси 22-уми байналхалќии географӣ, ки соли 1972 дар Канада баргузор гардида буд, масъалаи муаммоњои географии замон ба миён гузошта шуда буд. Дар њамонљо масъалаи топонимика њам муњокима карда шуда буд.

Яке аз топонимњо топонимияи Муѓулистон буда, хеле кам омӯхта шудааст. Барои номгузории минтаќањо сохти сатњи замин дахолат мекунад. Азбаски дар Муѓулистон кӯњ зиёд аст, номи минтаќањо ба сангњо, бозёфтањои кӯњӣ ва оњуву дигар љонварони кӯњи алоќаманд аст.

Масалан: Богдо – Ула, Хан – Ула ва ѓайра.[3]

Дар њудуди Ӯзбекистон кӯњњои Тяншан ва Њисор – кӯњи Олой медарояд. Ба тарафи ќуллањои ѓарбии Тяншан Ќарчантов, Угом, Писком, Чотќол, Ќурама ќаторкӯњњояш ба њудуди Ӯзбекистон дохил мешавад, яъне дар республикаамон кӯњњои ѓарбии Тяншан ба ќаторкӯњњои Њисор-Олой (вољањои Њисор, Зарафшон, Туркистон) љой гирифтааст.

Аз љињати оронимия вилояти Сурхандарё (150-то наздик ороним) љои аввалро ишѓол мекунад. Дар вилояти Ќашќадарё 145 ороним, вилояти Навой 105, вилояти Тошкент 103, вилояти Тошканд 59, вилояти Жиззах 52-то ороним ќайд шудааст.

[1] Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешруд – Душанбе, 2002, саҳ. 50.
[2] Ономастика. – Москва: Наука, 1969, стр. 164-169.
[3]

Дигар вилоятњо аз сабаби дар њудуди њамворї љой гирифтанаш, бо оронимњо бой нест.

Ба мо маълум аст, ки бештари оронимњо бо номи одамон вобаста мебошад. Масалан: сойи Амин, сойи Камолиддин, сойи Амриддин ва ѓайрањо.

Бо воситаи инњо рангњо низ бо оронимњо вобаста аст. Масалан: кўњи сафед, сойи сурх ва ѓ.

Дар топонимика синонимњо њам зиёд ба назар мерасанд. Ин гуна ономастикањо ба маънии аслии калимањо вобастагї доранд.

Топонимикањои њар як њудуд вобаста ба мавќеъ ва забони он мањал гуногун мешаванд. Масалан: Калимањои ќизил, хорла, сурх, гизел, кисил-дорои як маъно буда ба забонњои гуногун мансубанд. Топонимикањое, ки бо ёрии ин калимањо сохта шудаанд, синоним мебошанд. Масалан: ќизил дара, хорла-кёл.[1]

Дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он кўҳҳои бисёре мавчуд ҳаст:

**кўҳи Тянь-Шань, кўҳи Угом, кўҳи Чимгон, кўҳи Писком, кўҳи Қамил, кўҳи Овгон, кўҳи Милҳозй, кўҳи Гарданга, кўҳи Одамсанг, кўҳи Яйлоқча, кўҳи Пишта, кўҳи Шерхона, кўҳи Чакактоғ, кўҳи Қарақиз, кўҳи Тайғоқтош, кўҳи Қарабов, кўҳи Қаронғитўқай, кўҳи Чералма, кўҳи Бештур, кўҳи Чимгони калон, кўҳи Чимгони хурд, кўҳи Копирсанг, кўҳи Калавас, Кўҳи Каржан (Харжан), кўҳи Чатқал, кўҳи Қизилнура, кўҳи Чилдухтарон, кўҳи сафед, кўҳи Талас ва ғайраҳо.**

**Кўҳи Тянь-Шань.** Тянь-Шань лафзи хитой (тянь-осмон, шань-кўҳ) буда, маънояш кўҳи осмонбўс, баланд аст. Дар асл номи ин кўҳ турки «Тангритоғ», яъне «кўҳи Оллоҳ» аст. То замони омадани арабҳо, пеш аз паҳн шудани дини ислом номи ин кўҳ «Тангритоғ», яъне «кўҳи Оллоҳ» буд. Дар ин чо калимаи «Тангри»фақат ба маънои «Худо» набуда, балки ба маъноҳои васеи осмон, муқаддас, бузург ҳам омадааст. Назар ба гуфти В.В.Бартолд ин

---

[1] Қораев С. Топонимика. – Тошкент: Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриёти, 2006, саҳ. 66-67.
[2] Кемелов Н. Жаннатмакон Бўстонлиғим. –Шымкент: ЖШС «Китап», 2008, саҳ. 19.

кӯҳро халқҳои гуногун муқаддас ҳисобидаанд, назар ба эътиқоди онҳо дар ин кӯҳ макони қувваи илоҳӣ будааст.[2]

### Кўњи Чилдухтарон

Ин кӯҳ дар ноҳияи Бӯстонлиқ мавчуд буда, чилдухтаракон садњо ѓору маѓокњо дорад ва мардуми Бӯстонлиқ бисёр воќеаву њодисотро ба онњо мепайванданд. Чандин гуна ривоятҳо мавчуд аст:

Яке: мегӯянд, ки номи ин чил духтар бо «Гул» сар мешуданд: Гулљањону Гурљавон, Гулнињолу, Гулхиром, Гулдавону Гулравон … Онҳо ҳангоми таъқиби душманон ба ин кӯҳ омада паноҳ ёфтаанд ва дар ин чо зиндагонӣ кардаанд. Вақте ки ба ин сарзамин душманон ҳучум мекунанад, чил духтар дар ин ѓору маѓокњои кӯҳ пинњон шуда, шабњангом ба урдуњои душманон шабохун мезаданд. То он ки душманонро аз ин кишвар зада пеш накардаанд, онњо аз муборизаи шадид даст накашидаанд. Душманон модоме ки ба онҳо ҳучум мекард, онҳо ба кӯҳ баргашта паноҳ мечустанд. Аз ҳамин сабаб ҳам кӯҳ ба номи чилдухтарон номгузорӣ шудааст.

### Кўњи сафед

Ин кӯҳ дањњо сою сойчањо дошта, зову харсангњои азими ростбардамидаю кундаланг ба пои онњо рафта часпидаанд. Аз кўњи Сафед ба чор љониб силсилакўњу теппањо дароз шуда рафтаанд. Ду дасти кушодаи дарози ин кўњи азим баландињои ду тарафи сойи калонро то дењаҳои занљирвор пайваст медоранд.

Болои ќуллаи марказии кўњи Сафед њамвор аст. Майдонест, ки ба тарафи љануб торафт сарнишеб шуда меравад. Хоки ин кӯҳ ба мисли оҳак сафед аст. Аз ҳамин сабаб ҳам номи ин кӯҳро кӯҳи сафед меноманд.

Дар ноҳияи Бӯстонлиқ ва деҳаҳои он порчањои замин асосан бо номи бунёдкунанда (ободкунанда)-и шахсон ва бо номи онњо алоќаманд аст. Мо дар зер номгӯи заминњоро, ки бо номи шахсони дења мансубанд, меорем:

**Замини Олтибой, Замини Эргашбобо, Замини Сайидбобо, Замини Собир, Замини Миромадбобо, Замини Носирҳочибобо, Замини Пӯлодбобо, Замини Ѓиёсбобо, Замини Зулумбобо, Замини Самисоѓбобо, Замини Ҳакимбобо, Замини Рӯзибобо, Замини Зуппиоча, Замини калони**

**Орифбобо, Замини Исонбобо, Замини Сариҳочӣ, Замини Безгатабобо ва ғайраҳо.**

**Замини Олтибой.** Замини Олтибой замини бой ва ҳосилдор аст. Ҳоло замини Олтибой ба дасти Аҳмад ва Фирӯз гузаштааст, ки онҳо дар он љо манзил сохта зиндагї мекунанд. Нисфи ин замин киштзори фермерї ва нисфи дигараш ќаторањои хонањову боѓу палњои хољагии шахсии мардуми сокини он љой шуда рафтааст, аммо замини бо номи Олтибой машҳур аст.

**Замини Эргашбобо.** Замини Эргашбобо майдони клонеро дарбар мегирад ва хеле серҳосил ва аст. Ҳоло заминр дар дасти фарзандони Эргашбобо аст. Дар қисмати болои замин чакалакзоре мавчуд аст. Дар қисмати поёнии замин боғу тутзоре мавчуд аст, ки он Аҳмади савдогар тааллуқ дорад.

**Замини Сайидбобо.** Қисми болои ин мавзеъ хеле кушоду обдор аст. Сайидбобо ном шахс аз сабабе, ки дар қисми болоии замин об ҳаст, замини васеъеро соҳибї карда, ба як қисми замин боғ мешинонад. Њоло дар ин љо он боғҳое, ки Сайидбобо шинонда буд, ҳосили зиёде медиҳад. Он чашмае, ки дар болои замин ҳаст, обаш шаффоф мебошад ва аз оби он асосан чӯпонону шикорчиён баҳра мебаранд.

**Замини Собир.** Дар тарафи чанубии ноҳия замини  Собир ном чавоне ҳаст, ки ӯ асосан бо чорводорию деҳқонӣ машғул аст.  Замин шамолрас, серхоку гиёњ ва барои чорпо мусоид љоест. Майдонњои зердасти ин мавзеъ барои боѓдорию обчакори мувофиќанд.  Чашмачањои сероб доранд. Ин љо камдарахт аст. Дар айни замон Собир боѓи љавоне бунёд кардааст, ки љои барњаво ва замини обрав аст.

**Замини Миромадбобо.** Дар ин чо об нињоят фаровон аст. Аз чашмаи Абдувоҳид љӯе рост ба тарафи чапи ин замин меравад ва дарахту навнињолони ин љойро шодоб мегардонад. Ду тарафи Шибар њама дарахтони зичи худрӯянд: як тараф сафедорзор, тарафи дигар порчазамини оличабандаку себу туту дулоназори худрӯянд. Дар айни замон, ки соњибии замин аз Миромадбобо ба фарзандон: Кариму Ғаничон ва фарзандони онњо омада расидааст, замин оњиста-оњиста суроби дигар гирифта: ќитъањои

замин  киштзору дарахтзори баробар шудаанд. Њоло писарону наберагони бобоњо дарахтони бемева  ва камњосилро аз миён бардошта навнињолони баробар шинондаанд, љои онњо дар порчазаминњои нообод, ки оби њаётбахши љўйборакони навканда аз бењу зињи онњо гузашта рафта ба онњою кишти байни онњо њаёт мебахшанд.

**Замини Шомурод.** Аз шаршараи Мирзомурод дар самти шимол, дар якбаргии тепа майдони фарохноест хосдор низ мебошад. Њоло соњиби замин Пулоди Нуриддин аст. Ќисмати болои замин аз сойчаи шафати љануби об мехўрад. Дар поёнрави фарохно чашмачае дамида мебарояд, ки ба панч-шаш палчањои кишти сабзавот бемалол об медињад. Замини аз обу порују сери серѓизо шуда, њосили фаровони покизае медињад. Гирди майдон бо сархорї ињота шудааст. Фарзандону наберагони Пўлоди Нуриддин ин заминро обод карда, бо чорводорї машѓуланд.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он заминҳо нафақат бо номи шахсҳо балки бо дигар номҳо низ номгузорй карда шудаанд:

**Замини занг, Замини бешқайрағоч, Замини қулпондон, Замини палимазор, Замини поёндала, Замини болодала, Замини пушта, Замини овгон, Замини қирадир ва ғайраҳо.**

Дар ќисми кўњии ноҳияи Бўстонлиқ сойњои зиёде мављудаанд, ки бо номи инсонњо – мардуми дења мансубанд. Дар ќўњистон як анъанае мављуд аст, ки њар як сой бо номи эљодкардаи он шахс имрўз номбар карда мешавад. Албатта, ин ё он сойро авлодњои пешина номгузорї намудаанд ва имрўз номи онњо бо он сой нигоњ дошта мешавад: Дар дењаҳои Бўстонлиқ чунин сойњо мављуд аст, ки аксари онњо бо номи шахсон – авлоди сокинони дења алоќаманд аст: Дар як сой боз чанд сойчањо мављуд аст, ки номњои махсус дорад.

**Сойњо**

Оқтошсой

Туятошсой

Шўробсой

Калласангсой

Чақмоқсангсой

Қулфароқсой

Ағраваксой

Сурхаконсой

Қултангаксой

Оқпуштасой

Белдерсой

Мисконсой

Қавдонсой

Ихночсой

Оҳалосой

Қўрғонсой

Майдонтолсой

Қавсой

Мулаллосой

Бақарсой

Испайсой

Кафтарсой

Кумушсой

Жўлғасой

Думалоғсой

Ранди

Олтонсой

Уюнксой

Ақбердисой

Адрассой

Кушексой

**Адрассой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда,табити диловезу дилнавоз дорад. Одамон зиндагонӣ кардаанд, аммо ҳоло кўчида рафтаанд.

**Наволисой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз калимаи наво гирифта шудааст. Дар ин чой чариҳои калону хурде, ки шарашараҳо ҳосил

кардаанд, бисёр чорй мешаванд. Албатта онҳо «наво» (оҳанг)-ҳои ба худ хос –овози форам мебарорад. Ба ин оҳанг хонишҳои паррандаҳои боғу роғҳо ҳам ҳамроҳ мешаванд.

**Кушексой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, ҳавои софу беғубор ва фараҳзо дорад. Ин чой дар байни қиру адирҳо чойгир шудааст ва табиати зебову дилангез дорад.

**Оқпуштасой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, ранги оҳак ва замин омехта шудааст ва аз ҳамин сабаб ҳам Оқпуштасой меноманд.

**Қўрғонсой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, дар асри 18 дар ин чо қўрғонҳои сохта шудааст. Аз ҳамон замонҳо то ба ҳол номи ин чой Қўрғонсой шудааст.

**Майдонтолсой** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз номи деҳа гирифта шудааст. Дар замони қадим дар ин чо сафедорҳои зиёде мавчуд буданд, ки майдони калонеро ташкил медод. Номи ин сой аз ҳамин чост, яъне майдони калони сафедорзор.

Сойи паҳн

Сойи Мирзоумар

Сойи дароз

Сойи зови чак-чак

Сойи дарози Камар

Сойи Мирбой

Сойи Шомурод

Сойи Мирзобой

Сойи беоб (камоб)

Сойи Ќуронбой

Сойи Дулоназор

Сойи Азимбой

Сойи Абдусамад (Абдусалом)

Сойи Шибари дарози Обдор

Сойи Дучашма

Сойи Калта

Сойи Четанзор

Сойи Шомурод

Сойи Обдор

Сойи Шамсиддин

Сойи Мирзобой

**Сойи Мирзоумар**. Ин сой низ бо номи соњибаш гуфта мешавад. Як ваќтњо Мирзоумар ном шахс ин љоро обод кардааст.

**Сойи Зови чак-чак.** Дар ин сой зов низ мављуд буда, дар болои зов чашмае воќеъ аст, ки дар бањорон об зиёд шавад, аз рўи зов мешорад. Аз сабаби њамин сойи зови чак-чак ном дорад.

**Сойи дароз.** Ин сой аз сабаби љои дарозро ишѓол карданаш ин номро гирифтааст.

**Сойи беоб**. Аз номаш маълум, ки сой њамаваќт аз сабаби беоб буданаш ин номро гирифтааст.

**Сойи Абдусалом**. Дар замини Абдусалом сойњои бисёре мављуд аст, ки њоло писарон ва наберагони ў ин љойњоро ба боѓи хушманзар табдил додаанд. Њоло њам ин замин, ин сойњо ба наберагон мерос бошад њам, номи марњум идома ёфта омада истодааст.

**Сойи шибари дарози обдор**. Аз номаш маълум дар ин сой шибари дарози обдор мављуд аст, ки сабзию хуррамии сойро таъмин месозад.

Дар кўњњои ноҳияи Бўстонлиқ монанди дигар сойњо боз сойњои зиёде мављуд аст, ки номи худро доранд.

Сойњое, ки бо номи шахсон алоќаманд мебошанд:

Сойи Асқар

Сойи Абдуҳаким

Сойи Љурабой

Сойи Мирзоумар

Сойи Аҳмадбой

Сойи Қурбок

Сойи Мавлон

Сойи Мирзоқул

Сойи Юсуф

**Чарихо**

**Ёмончар, Ҳошимбойчар, Бўричар, Сурх, Омез, Кандаи Курағон, Шайтончар, Чарчашма, Чакак, Пском, Қизилқамов, Саидазим, Чомашўяк, Бештур, Оқчар ва дигарҳо.**

**Бўричар** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, дар он чо гургҳо бисёр мешаванд. Барои ҳамин ҳам Бўричар гўён номгузорй кардаанд.

**Теппаҳо. Теғаҳо**

Чакактеппа

Шоҳичаҳон

Қаравултеппа

Онулгантеппа

Талдиқтеппа

Чочтеппа

Нағоратеппа

Буғдойтеппа

Семсозтеппа

Етимтеппа

Ачуз

Сурхак

Бодалоқ

Ҳазортакка

Лочинхона

Оби сафед

Ойнатош

Дўнг

Потаҳачо

Калтеппа

Чангтеппа

Гуликам

Харкум

Ҳазормана

Супла

Қушқорбулоқ

Талбулоқ

Қизларчиққан

Зарчўян

Бешпанча

Алишерқўрғон

Қоратош

Туятош

Толибойтоши

Қаровултеппа

Қаратеппа

Саритеппа

Бозорқултеппа

Қоравойтеппа

Қўшқўрғонтеппа

Чағайтеппа

Главасой

Саржин

Қорақия

Қоратош

Каттатош

Чодак

Болодала

Теппаи даҳмард

Аравут

Ҳавурболо

Пидор

Чарпидор

Қудуқ

Қарочиқ

Себқатор

Кадоводтеппа

**Қаратеппа** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, дар паҳлўи дарёи Чирчиқ чойгир шудааст.

**Саритеппа** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз сабабе ки хокаш зард, яъне ба забони ўзбеки «сариқ» аст, номи теппаро чунин номидаанд.

**Бозорқултеппа** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, теппаро ба номи марду часур ва қаҳрамонҳо номгузорй кардаанд.

**Қаровултеппа** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, яке аз теппаҳои қадимй ба ҳисоб меравад ва дар атрофии он одамон зиндагонй кардаанд. Аз ин теппаҳо барои назорат кардани гирду атроф истифода бурдаанд. Дар ин теппа мазоре мавчуд аст, ки одамон онро зиёрат мекунанд.

**Камарњо**

Камари Мирзоумар

Камарњои Ғолиб

Камари Ќуронбой

Камари калон

Камари паст

Камари дароз

Камари Маликбобо

Камари чашмазор

Камари сойи дароз

Камари Соҳиббой

Камари куданг

Камари Собирбой

Камари сафед

Камари зард

Камари Абдукарим

**Ѓорњо**

**Ғори Қушмулла, Ғори Чаккахона, Ғори дамкаш, Ғори Хирсхона, Ғори Шомалунгур, Ғори Бургутуя, Ғори Зардакон, Ғори Хайитмерган, Ғори Даҳанкушо, Ғори Чорбуғит, Ғори Мулломерган, Ғори Абдусамад ва дигарҳо.**

**Ғори Абдусамад** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, аз тарафи одамон кофта шудааст. Ин ғор дар сой  чойгир шудааст. Дар гирду атрофи ғори мазкур зиёда аз панч ҳазор аҳолй умр ба сар мебаранд. Дар он чо зиёда аз 900 хонадон зиндагонй мекунанд.

**Ѓори дамкаш** дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, дар пастхамие чойгир шудааст, ки даҳони ғор калону воҳимаангез аст. Ба даҳони ғор наздик шавед гўё овозе шунида мешавад ва даруни ғор сиёҳ аст. Гўё ба даҳони ғор наздик шавед, одамро ба дарун мекашад. Аз ҳамин сабаб ҳам ғори дамкаш меноманд.

**Ѓори бургутуя.** Дар муќобили сойи Мирзокул дар наздикии нағоратеппа ғори калоне мавчуд аст, ки дар лаби ин ғор буттањо рустааст ва даҳони ғорро тангтар кардааст.

Одамони ба даруни ѓор даромада наќл мекунанд, ки дохили он хеле калону кушод аст. Дар даруни он устухонмайдањои бисёр, аммо пўсидагй мавчуд  аст. Њоло роњи даромади ғор мањкам шудаву хокпўш шуда рафтааст. Назар ба гуфти одамон дар ин ғор танҳо бургутҳо зиндагонй мекардаанд.

**Зовњо**

Дар ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он зовҳои зиёде мавчуданд:

**Зови Ахсар, Зови Аминбой, Зови чангал, Зови сурх, Зови зард, Зови лунда, Зови хам, Зови кабуд, Зови Кундаланг, Зови сиёњ, Якказов, Зови париҳо, Зови дароз, Зови паст, Зови калта, Зови Каримбой, Зови кач, Зови баланд ва дигарҳо.**

Зовҳо барои кўҳгардон, сайёдон, чўпонҳо ва ҳатто ҳайвонҳо ва паррандаю даррандаҳо ҳамчун панаҳчой хизмат мекунанд ва хусусиятҳои ба худ хос доранд. Махсусияти ин зовҳо аз чунинҳо иборат аст:

а) Хусусияти хоси ин зовњо дар он аст, ки барои кўњгардон нишона мебошад.

б) Хусусияти дигари ин зовњо аз борони сел чўпонњо ва сайёдонро паноњ мекунанд.

в) Ин зовњо нафаќат барои одамон, балки бештар барои паррандаю дарандањо њамчун панањљой аст.

г) Ин Зовњо барои чўпонњо ќулай мебошад, дар зовњо ва гирди онњо хамба (ќутан)-њо барои рама ва поддањо месозанд.

**Зови Аминбой**. Дар замини Аминбой чунин зов аст, ки бо номи Аминбой машњур аст.

**Зови сурх**. Ин зов дар сойи дароз љойгир буда, дар танаи санг, яъне зов гулњо мављуд аст, ки он гулњо рангњои гуногунро дорад. Аз сабаби сурх намудани ин гулњои зов, номи зови сурхро гирифтааст. Чунон, ки маълум аст, сангњо низ гул доранд ва ранги санги ин зов ба ранги сурх моилй дорад.

**Зови зард** –Дар зов гулњои зиёде мављуд аст, ки бештари ин гулҳо ранги зард доранд. Одамон аз ин гули зарди зовњо њино ба дастонашон мемонанд.

**Зови лунда**. Ин зов дар паҳлўи замини Аҳмадбой воќеъ аст.Маънои ин зов аз номаш маълум аст.

**Зови хам**. Ин зов дар хамии замини Абдусамад љой гирифтааст. Аз сабаби дар пасхами љой гирифтани ин замин дар кўњ љой ишѓол карда, сохти љойгиршавиаш чунин аст.

**Зови кабуд** – Ин зов дар сойи Қараќизсой мавчуд буда, ба назар аз дур кабуд метобад. Барои ҳамин ҳам зови мазкурро зови кабуд меноманд.

**Зови Сиёњ** - Дар болои сойи Мирзоқул зове мавчуд аст, ки ранги зов сиёҳ аст. Аз сабаби сиёњ будани ранги зови мазкур номи зови Сиёњро гирифтааст.

# БОБИ III

## Сохти микротопонимҳои ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он

Ибора ба воситаи ягон хел воситаи алоқа аз дув а ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбад, барои пурра намудани ҳиссаи нутқи гўянда, ки дар чумла зоҳир мегардад, хизмат мекунад, ё худ ба вазифаи ягон узви чумла меояд.

Ин маънои онро дорад, ки ибора ҳам монанди калимаҳои алоҳида барои ба як тартиби муайян чобачошавии аъзоҳои чумла хизмат мекунад ва дар бобати ба вучуд омадани маънои дурусти он нақши муҳим мебозад.

Ибора калимаи арабї буда, дар луѓат он чунин тавзеҳ ёфтааст:

1. баён, ифода, далолат ба маънои чизе;
2. сухан, калом, ифода, љумла, тарзи љумлабандї.

Ин калимањо њоло ба сифати истилоњи забоншиносї дар мо ба маънои пайванди калимањо истифода мешавад, ки муоддил, њамаънои истилоњоти русии «словосочетание» ба шумор меравад. Аз ин љињат, моњиятан њам пайванди калимањоро дар асоси ќоидаи тобеъ ба љузъи асоси вобаста шудани љузъи тафсилдињанда ва њампайванди калимањоро зимни ќоидаи тобеъ, мавриди истифода ќарор дорад.

Ибора ба сифати яке аз бахшњои синтаксис аломатњои хоссаеро дар бар мегирад, ки барои фарќ кардан аз воњидњои дигари забон боис хоњанд шуд. Муњимтарини ин аломатњоро ба тарзи зер метавон нишон дод.

1. Ибора одатан аз ду ё зиёда калимаи мустаќилмаъно ташкил меёбад: шањри Тошканд, боѓи васеъ, тозон омадан, ин китоб, ба саёњат рафтан ва ѓайра.

2. Калимањо дар ибора аз љињати маънї ва ќоидаи грамматикї алоќаманд мешаванд. Ин нукта чандин маъно дорад, ки пањлў ба пањлў воќеъ гаштани воњидњои луѓавї њанўз сабаби ташкили ибора нахоњад шуд, балки мањз мутобиќати маъноию грамматики онњо зимни ќоида ва ќонунияти забон барои ин имконият ба вуљуд меорад.

3. Калимањо дар таркиби ибора њатман тибќи ќоида ва ќонунияти њар забон дар доираи алоќаи тобеъ ба кор бурда мешаванд. Ин аст, ки дар онњо як калима ба сифати унсури асосї, мењвар ва калимаи дигар чун њиссаи тобеъ, тафсилдињанда воќеъ мегардад.

4. Азбаски ибора аз васли ду калима сурат мегирад, мафњуми мураккаберо ифода менамояд, ки ба њиссањо таќсимшаванда аст.

5. Ибора хусусияти номбарсозї-номинативї дорад, яъне он монанди калима, предмет, хосияти предмет, амал ва љараёни онро номбар намуда, вале дар бораи онњо хабар намедињад.

6. Дар ибора ќоидаи умумии тартиби калимањо љорист: љузъњои ибора дар љумла ба тарзи зич, паси якдигар воќеъ мешаванд. Мавќеи љузъњо вобаста ба навъњои ибора, воситаи алоќаи онњо метавонад гуногун бошад: дар иборањои исмї калимаи асоси њамеша пеш аз љузъи тобеъ, дар иборањои сифати ва феълї пас аз он љо мегирад ва ѓайра[1].

Хелњои ибора дар забони тољикї.

Дар ибора як љузъ ба љузъи дигар тавассути ягон навъї воситаи алоќаи грамматикї тобеъ мегардад.

---

[1] Ғаффоров Р. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ибора ва хелҳои он) қисми якум. - Самарқанд, 2000, саҳ. 10

Дар ташкили ибора њамаи њиссањои мустаќили нутќ иштирок мекунанд. Аммо вобаста ба семантика ва хосияти грамматикї яке сермањсул, дигаре каммањсул аст. Бо вуљуди ин дар ибора љои ин ё он њиссаи нутќ доимї нест.

Масалан, исм ё љонишин на фаќат љузъи тобеъкунанда (шоири боистеъдод, замини лалмї, туи бепарастор), балки ба љои љузъи тобеъшаванда њам меоянд: шохи дарахт, китоби талаба.

Ба хелњои људо кардани ибораро ба љузъи асосї вобаста кардан заминаи воќеї дорад, зеро ки љузъи асосї тобеъкунанда буда, љузъи тобеъшаванда онро эзоњ медињад, маълуму муайян менамояд.

Иборањои исмї

Дар иборасозї исм мавќеи махсус дорад. Хусусан, њамчун љузъи асосї хеле сермањсул аст, чунки худ ифодакунандаи предмет буда, дорои аломату хусусиятњост ва ин љињатњои он бо сифат ва ѓайра муайяну маълум карда мешавад. Дар ташаккули иборањои исмї се хели воситаи алоќа-бандаки изофї, вобастагї ва њамроњї иштирок мекунанд. Аммо иштироки онњо баробар нест. Дар таркиби ибора исм бисёр њиссањои нутќро тобеъ мекунад:

1. Исм + исм: дари хона, њавлии падар, мехи девор

2. Исм + сифат. Сифат ба исм ба воситаи алоќаи изофї, њамроњї тобеъ мегардад: куртаи занона, нолањои фалак печ в. ѓ.

3. Исм + шумора. Доираи ин гурўњ мањдудтар буда, ташакули онро воситањои алоќаи изофї ва њамроњї сурат медињад: шаби чорум, њафтаи сеюм в. ѓ.

4. Исм + љонишин. Бисёр хелњои љонишин бо роњи алоќаи изофї ва њамроњї ба исм тобеъ мешаванд: китоби ту, хонаи вай в. ѓ.

5. Исм + сифати феълї. Њамаи замонњои сифати феълї дар алоќаи изофї ба исм тобеъ мешаванд ва вобаста ба хусусияти феълияш дигар воситањои алоќа низ њамроњ мешаванд, ки дар ин сурат иборањои содда ва тафсилї ба амал меоянд: марди раванда, марди рафтагї, марди рафта истодагї.

6. Исм + масдар. Масдар ба исм танњо ба бандаки, изофї тобеъ мегардад: рўзи рафтан, ќасди куштан.

Ѓайр аз ибораҳои исмї боз ибораҳои сифатї, ибораҳои шуморагї, ибораҳои љонишинї, ибораҳои зарфї, ибораҳои феълї, ва ибораҳои масдарї низ мављуданд, ки ба хелҳои ибора дохил мешавад.[1]

Муайян намудани сохти ибораҳо дар забони тољикї.

Ибора аз љиҳати сохт ду хел мешавад: содда ва мураккаб.

Ибораҳое, ки бо ёрии яке аз воситаҳои грамматикї аз калимаҳои мустаќилмаъно ташкил ёфтаанд, ибораҳои содда номида мешаванд: ҳавзи васеъ, соати тилло, хеле зебо ва монанди инҳо.

Сохта шудани ибораҳо аз ду калима ҳодисаи асосї ва маъмул ба шумор меравад.

Сохти ибора дар топонимикаи ноҳияи Бўстонлиқ

**Ибораҳои содда**

| | |
|---|---|
| Гузари Бештут | Гузари Янги |
| Ҳавзи Абдумалик | Ҳавзи Мурод |
| Ҳавзи Шодй | Ҳавзи калон |
| Ҳавзи Ҳошим | Ҳавзи хурд |
| Ҳавзи Ҳабиб | Сойи Азимбой |
| Сойи Шомурод | Сойи Мирзобой |
| Сойи беоб (камоб) | Сойи Ќуронбой |
| Шибари Раҳим | Шибари Қодирбобо |
| Шибари Ҳамроќул | Шибари Абдувоҳид |
| Шибари  дароз | Чашмаи Чоршанбе |
| Чашмаи Гулдар | Чашмаи Азамат |
| Чашмаи Хосият | Чашмаи Маҳая |
| Чашмаи сиёҳ | Чашмаи Ихлосато |
| Чашмаи Давлатбобо | Чашмаи Содиқбобо |
| Чашмаи Базгагатобобо | Чашмаи  Ғормазор |
| Чашмаи Мулҳочй | Чашмаи Поскона |
| Чашмаи Қавсаратобобо | Чашмаи наяк |
| Чашмаи қулдирама | Чашмаи тавоқ |

[1] Муродалй Набиев. Забони адабии ҳозираи точик (нахв) қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1992. саҳ. 23-28.

| | |
|---|---|
| Чашмаи калласанг | Чашмаи чакак |
| Гузари Эски | Гузари Хӯчакент |
| Гузари Чинор | Гузари Чорбоқ |
| Деҳаи Бурчмулло | Деҳаи Думалоқ |
| Деҳаи Қӯшқӯрғон | Деҳаи Қаравой |
| Деҳаи Абай | Деҳаи Чимгон |
| Деҳаи Қалъача | Деҳаи Навобод |
| Деҳаи Сойлиқ | Деҳаи Хондалоғ (Хондайлиқ) |
| Деҳаи Полвонак | Деҳаи Писком |
| Деҳаи Қоранкул | Деҳаи Юсуфхона |
| Деҳаи Хумсон | Деҳаи Нанай |

Иборањое, ки аз се ё бештар калимањои мустаќилмаъно сохта шудаанд, иборањои мураккаб номида мешаванд. Дар ташкили иборањои мураккаб, баръакси иборањои содда, камаш ду воситаи грамматикї иштирок мекунад.

**Иборањои мураккаб**

Камари сойи дароз

Сойи шибари дарози обдор

Замини калони Орифбобо

Шаршараи даруни кӯл

Шаршараи обпари Асхар

Шаршараи обпари калит

Шаршараи обпари оқпошлов

Шибари чашмаи соф

Сойи дарози камар

Шибари сойи калон

Шибари сойи дароз

Шибари сойи хурд

Чашмаи сойи калта

Чашмаи сойи Азим

Чашмаи сойи Шомурод

Чашмаи сойи Мирбой

Чашмаи сойи Мирзобой

Чашмаи сойи танг

Чашмаи сойи Азим

Чашмаи калони Абдусамад

Хелњои ибора дар микротопонимикаи ноҳияи Бўстонлиқ серистеъмол аст.

Дар иборасозй исм мавқеи махсус дорад. Хусусан, ҳамчун чузъи асосй хеле сермаҳсул аст, чунки худ ифодакунандаи предмет буда, дорои аломату хусусиятҳост. Дар таркиби ибора исм бисёр ҳиссаҳои нуткро тобеъ мекунад:

Исм+исм: Исми хос бо алоќаи изофї омадааст.

| | |
|---|---|
| Њавзи Абдумалик | Њавзи Мурод |
| Њавзи Шодй | Њавзи Ҳошим |
| Њавзи Ҳабиб | Сойи Азимбой |
| Сойи Шомурод | Сойи Мирзобой |
| Сойи Ќуронбой | Шибари Раҳим |
| Шибари Қодирбобо | Шибари Њамроќул |
| Чашмаи Чоршанбе | Шибари Абдувоњид |
| Чашмаи Гулдар | Чашмаи Азамат |
| Чашмаи Хосият | Чашмаи Маҳая |
| Чашмаи Давлатбобо | Чашмаи Содиқбобо |
| Чашмаи Базгагатобобо | Чашмаи Қавсаратобобо |

Сифат ба исм асосан ба воситаи алоқаи изофй тобеъ мегардад:

Исм + сифат:

| | |
|---|---|
| Зови кундаланг | Зови лунда |
| Зови хам | Зови кабуд |
| Зови миёна | Њавзи калон |
| Зови сиёњ | Кўњи сафед |
| Чашмаи калон | Чашмаи дароз |
| Чашмаи ширин | Њавзи баланд |
| Сойи пањн | Сойи дароз |

Сойи беоб Сойи дулоназор

Сойи калта Сойи Четанзор

Дар таркиби ибора доираи шумора ба исм тобеъ шудан маҳдудтар аст:

Исм + шумора:

Теппаи даҳмарда Сойи Дучашма

Шибари панччашма Ҳавзи якчашма

## Хулоса

Яке аз љињатњои муњими илми забоншиносї омўзиши тадќиќи номњои мањаллї ва санъати номгузорї мебошад. Зеро номњои мањал ё масъалањои номгузорї ва пайдоиши онњо ба чандин воќеъаву њодисањои таърихї, сиёсї, иќтисодї робитаи ќавї дошта, ин унсурњо боиси густариши хазинаи забони модариамон гардидаанд.

Бояд гуфт, бо масъалањои ном ва номгузорї хосиятњои калимањои ифодакунандаи номњо, ќонуниятњои мављудият ва инкишофи номњо, таърихи тавлид ва маънидоди илми онњо соњаи махсуси филология-ономастика машѓул аст.

Яке аз ќисмати соњаи ономастика, антропонимия мебошад, ки номи ашхосро ифода мекунад. Антропонимияњо дар ташаккули Ономастикаи ноҳияи Бўстонлиқ номи одамон гуногун буда, аз забонњои тољикї, арабї, ўзбекї-туркї ва русї гирифта шудааст. Ѓайр аз ин номњои одамон аз љињати сохт гуногун буда, бо пасванду пешванд сохта мешавад. Дар ин дења лаќабњо низ мавќеи муњимро касб мекунад ва барои фарќ кардани шахсон истифода мекунанд, ки маълумоти умумї дар боби I-и диссертатсия кушода дода шудааст.

Дар боби II оиди топонимияи ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он сухан меравад.

Бояд эътироф кард, ки илми топонимикаи тољик як љузъи илми забоншиносии тољик буда, таърихи тўлонї дорад. Маводи аввалинро доир ба ин илм аз луѓату тазкирањо ва осори таърихиву љуѓрофї пайдо намудан мумкин аст. Зеро гузаштагони мо дар асарњои иншонамудаи худ рољеъ ба ин ё он мањалро ба тафсил тавсир менамуданд. Яке аз ќисматњои топонимия, ойконимия, гидронимия, оронимия мебошад, ки дар диссертатсия маълумот оварда шудааст.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ топонимњоро дида баромадем, ки аз боигарии забони тољикї далолат мекунад. Мувофиќи фењрасти ин номњо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мардуми кўњистон дар интихоби мавзеи замон

беэътибор нестанд. Бо номгузорї аслу насаби гузаштагони худро дар таърих сабт намудаанд.

Дар топонимияи ноҳияи Бўстонлиқ мавќеи асосиро номњои сатњи замин ва боѓњои гирду атрофи он ташкил медињад.

Масалан: Замини Сайидбобо.

Қисми болоии ин мавзеъ хеле кушоду обдор аст. Сайидбобо ном шахс аз сабабе, ки дар қисми болоии замин об ҳаст, замини васеъеро соҳиби карда, ба як қисми замин боғ мешинонад. Њоло дар ин љо он боғҳое, ки Сайидбобо шинонда буд, ҳосили зиёде медиҳад. Он чашмае, ки дар болои замин ҳаст, обаш шаффоф мебошад ва аз оби он асосан чўпонону шикорчиён баҳра мебаранд.

Дар ноҳияи Бўстонлиқ дар кўњу њамворињо чашмањои пурљўшу хурўше мављуд аст, ки бештари онњо ба номи худ  мансубанд. Масалан: Чашмаи сиёҳ. Чашмаи мазкур  дар ноҳияи Бўстонлиқ мавчуд буда, кас ба даруни чашма нигоҳ кунад оби чашма сиёҳ метобад, чунки ба даруни об сангҳои кабути сиёҳтоб мавчуд аст. Аз ҳамин сабаб чашмаи сиёҳ меноманд. Чашмаи мазкур аз деҳаи Нанай 4,5-5 километр дур аст. Оби чашма хусусияти шифобахшй дорад.

Дар њудуди ноҳияи Бўстонлиқ бо номи одамон вобаста њавзњои хурду калон мављуд аст. Ин њавзњо бо максадњои гуногун сохта шудаанд. Баъзе њавзњо барои оромгоњи бачагон созанд, дигареро барои подаву рамаи дења сохтаанд.

Маълум аст, ки Ойконимия низ дар ноҳияи Бўстонлиқ мавќеи муњим ишѓол намудааст, аз љумла гузари қалъа. Гузари ќалъа дар тарафи шарќии ноҳия чой гирифтааст. Гузари ќалъа хеле зебоманзар буда, боѓу роѓњои сабзгашта дорад. Обњои равон аз байни гузар мегузарад.

Дар боби III оиди сохти микротопонимҳои ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он маълумот оварда шудааст ва бо мисолҳо дар таркиби ибораҳо нишон дода шудааст.

Ба мо маълум аст, ки баъди истиќлолро ба даст даровардан ба ин соња эътибори калон дода шуд, чунки бисёр объектњои ањолинишин, аз љумла,

шаҳрҳо,  ќишлоќҳо, кўчаҳо, боѓу роѓҳо ва дигар мавзеъҳо бо номҳои дигар номгузорї карда буданд. Маќсади асосии соҳаи Ономастика дар он аст, ки номҳои аслии ин гунна мавзеъҳоро гашта бунёд кардан аст, чункиислоҳи номҳои нодурусту норавои маҳаллу мавзеъҳо ва шакли дуруст ва суфтаву равони ному номгузории маҳаллу љойҳо тантанаи адолати таърихї мебошад.

Доир ба љиҳати дигари масъала дар диссертатсия мисоли фаровон оварда шудааст.

Рисола аз муќаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, 69 саҳифаи компютериро ташкил мекунад.

**Феҳрасти адабиёт:**


1. Абдулло Ф. Номнома. - Душанбе: Ирфон, 1972, 326 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. ќими I – Душанбе: Дониш, 1972, 341 с.
3. Ѓаффоров Р. Забони адабии ҳозираи тоҷик, (ибора ва хелҳои он), ќисми I. - СамДУ, 2000, 87 с.
4. Ѓиёсиддин Муҳаммад Ѓиёс-ул-луѓот, љ. 2. – Душанбе: Адиб, 1988.
5. Девонаќулов А. Асрори номҳои кишвар. - Душанбе: Ирфон, 1989, 237.
6. Дўстов З. Топонимларнинг ясалиш масаласига доир// Ўзбек тили ва адабиёти, 1980, 48 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик, қисми I. – Душанбе: Ирфон, 1973, 350 с.
8. Кемелов Н. Жаннатмакон Бустонлиғим. – Шымкент: ЖШС «Китап», 2008.
9. Каримова Л. Топонимларнинг морфологик тузилиши// Ўзбек тили ва адабиёти, 1965, 96 с.
10. Каримов С.А. Ўзбек топонимикаси тараќќиёт босќичида. – Тошкент: Фан, 2006, 132 с.
11. Ќораев С. Топонимика. – Тошкент: Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти, 2006, 320 с.
12. Мурзаев Э.М. Очерки по топонимии. - Москва, 1974, 154.
13. Неъматов Н. Давлати Сомониён. - Душанбе: Ирфон, 1979, 281 с.
14. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик, (наҳв), ќисми 2. – Душанбе: Маориф, 1992, 126 с.
15. Ономастика «Проблемы и методы». - Москва, 1978, 238с.
16. Ономастика средней Азии. – Москва: Наука, 1978, 296 с.
17. Ономастика типология стратиграфия. – Москва: Наука, 1988, 264 с.
18. Ономастика. – Москва: Наука, 1969, 261 с.

19.Рўзномаи «Овози Самарканд». - Панљшанбе, 15 июли соли 2010, шумораи 30 (2169).
20.Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии њозираи тољик. – Душанбе: Дониш, 1977, 111 с.
21.Расулов Ш. Хонадони Олисўй. – Тошканд: Зарафшон, 2008, 158 с.
22.Тураев Б. Лексико-семантическое и словообразо-вательное исследование микротопонимии долины Яѓноб. Афтореферат канд.филол.наук. - Душанбе, 2010, 22 с.
23.Ўринбоев Б. Асрлардек барњаёт номлар. - Тошкент: Зарафшон, 2003, 264 с.
24.Ўринбоев Б. Жиззах вилояти топонимлари. - Жиззах, 1992, 54 с.
25.Фарњанги забони тољикї. ќисми I. - Москва, 1969.
26.Њомидов Д. Топонимияи водии Кешруд. - Душанбе, 2002, 108 с.
27.Њомидов Д. Сарнавшти вожањо. - Душанбе, 2008, 89 с.
28.Энсиклопедияи тољик. љ.I. – Душанбе, 1988, 676 с.
29.Этнографические очерки узбекского сельского населения. – Москва: Наука, 1969.

**МУНДАРИЉА**

Муќаддима……………………………………………………………………3-12

**БОБИ I**

Антропонимияи ноҳияи Бўстонлиқ ва махсусияти он……………...….13-31

**БОБИ II**

Топонимияи ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он……………………..……32-58

**БОБИ III**

Сохти микротопонимҳои ноҳияи Бўстонлиқ ва деҳаҳои он………..…59-64

Хулоса…………………………………………………………..………65-67

Фењрасти адабиёт………………………………………………..…68-69